**Натиҷаи ҷамъбасти кори КАХ-2 аз рӯйи ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос ба назардошти ҳимояи рисолаҳои дипломӣ чунин шуд.**

**ИМТИҲОНИ ТАХАССУС (ИМТИҲОНИ №1)**

**– Аз тахассуси ИДҲ – 26010200: – 44 нафар**
Баҳои «аъло» – 13– 29,54 %
Баҳои «хуб» – 16 – 36,36 %
Баҳои «қаноатбахш» –15– 34,09 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ТХМҚ – 24010302: – 20 нафар**
Баҳои «аъло» – 2– 10,00 %
Баҳои «хуб» – 8– 40,00 %
Баҳои «қаноатбахш» –10– 50,09 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси Санҷиши судӣ – 93010200: – 16 нафар**
Баҳои «аъло» – 6– 37,5 %
Баҳои «хуб» – 6– 37,5 %
Баҳои «қаноатбахш» –4– 25,09 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ҲҲМЗ – 24010217: – 14 нафар**
Баҳои «аъло» – 6– 42,85 %
Баҳои «хуб» – 7– 50,00 %
Баҳои «қаноатбахш» – 1 – 7,14 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест

**ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ХАТМ (ИМТИҲОНИ №2)**

**– Аз тахассуси ИДҲ – 26010200: – 44 нафар**
Баҳои «аъло» – 12– 27,27 %
Баҳои «хуб» – 18 – 40,90 %
Баҳои «қаноатбахш» –14– 31,81 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ТХМҚ – 24010302: – 20 нафар**
Баҳои «аъло» – 7– 35,00 %
Баҳои «хуб» – 12– 60,00 %
Баҳои «қаноатбахш» –1 – 5,00 %

Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси Санҷиши судӣ – 93010200: – 16 нафар**
Баҳои «аъло» – 7– 43,75 %
Баҳои «хуб» – 8– 50,00 %
Баҳои «қаноатбахш» – нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – 1 – 6,25 %
**– Аз тахассуси ҲҲМЗ – 24010217: – 14 нафар**
Баҳои «аъло» – 7– 50,00 %
Баҳои «хуб» – 7– 50,00 %
Баҳои «қаноатбахш» – нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест

**Натиҷаи ҷамъбасти кори КАХ-3 аз рӯйи ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос ба назардошти ҳимояи рисолаҳои дипломӣ чунин шуд.**
**ИМТИҲОНИ ТАХАССУС (ИМТИҲОНИ №1)**

**- Аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**
**(ихтисоси 26010200–идораи давлат ва ҳуқуқ) – 36 нафар**
Баҳои «аъло» –10–27,77%
Баҳои «хуб» –12–33,33%
Баҳои «қаноатбахш» –13-36,28%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – 1 -2,77%
Шумораи ҳозир нашудагон – нест
**- Аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**
**(ихтисоси 93010100–Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ) – 34 нафар**
Баҳои «аъло» –1–2,94%
Баҳои «хуб» –14–41,17%
Баҳои «қаноатбахш» –19-55,88%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – нест
**- Аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ»**
**(ихтисоси 24010302–Танзими ҳуқуқи молия ва қарз) – 24 нафар**
Баҳои «аъло» –3–12,5%
Баҳои «хуб» –9–37,5%
Баҳои «қаноатбахш» –12-50%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – нест
**- Аз фанни «Забони хориҷӣ»**
**(ихтисоси 24010100–Ҳуқуқи байналхалқӣ) – 49 нафар**
Баҳои «аъло» –21–42,85%
Баҳои «хуб» –23–46,93%
Баҳои «қаноатбахш» –5-10.20%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – нест
**- Аз фанни «Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ»**

**(магистр ихтисоси 24010210–Ҳуқуқшинос) – 10 нафар**
Баҳои «аъло» –3–30%
Баҳои «хуб» —6-60%
Баҳои «қаноатбахш» –1-10%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – нест
**- Аз фанни «Ҳуқуқи байналхалқӣ»**
**(магистр ихтисоси 24010110–Ҳуқуқшиноси байналхалқӣ) – 10 нафар**
Баҳои «аъло» –нест
Баҳои «хуб» —5-50%
Баҳои «қаноатбахш» –4-40%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – 1-10%

**ИМТИҲОНИ ТАХАССУС (ИМТИҲОНИ 2)**

**– Аз тахассуси ИДҲ – 26010200 – Ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ – 34 нафар**
Баҳои «аъло» –10–29,41%
Баҳои «хуб» –5–14,70%
Баҳои «қаноатбахш» –19–55,88%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ФҲҲ – 93010100 – Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – 34 нафар**
Баҳои «аъло» –9–26,47%
Баҳои «хуб» —16-,47,05%
Баҳои «қаноатбахш» –9–26,47%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ТҲМҚ – 24010302 – Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат – 23 нафар**
Баҳои «аъло» –5–21,73%
Баҳои «хуб» –12–52,17%
Баҳои «қаноатбахш» –6–26,08%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ҲБ – 24010100 – Ҳуқуқи байналмиллалӣ – 48 нафар**
Баҳои «аъло» –20–45,83%
Баҳои «хуб» –26–54,16%
Баҳои «қаноатбахш» –2–4,16%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест

**ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ**

**– Аз тахассуси ИДҲ – 26010200 – Ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ – 29 нафар**
Баҳои «аъло» –6–20,68%
Баҳои «хуб» –17–58,62%
Баҳои «қаноатбахш» –6–20,68%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест

Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ФҲҲ – 93010100 – Ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ – 35 нафар**
Баҳои «аъло» –14–40%
Баҳои «хуб» —16-,45,71%
Баҳои «қаноатбахш» –5–14,28%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ТҲМҚ – 24010302 – Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат – 23 нафар**
Баҳои «аъло» –3–13%
Баҳои «хуб» –16–69,56%
Баҳои «қаноатбахш» –4–17,39%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**– Аз тахассуси ҲБ – 24010100 – Ҳуқуқи байналмиллалӣ – 49 нафар**
Баҳои «аъло» –19–38,77%
Баҳои «хуб» –29–59,18%
Баҳои «қаноатбахш» 1–2%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» –нест
Шумораи ҳозирнашудагон – нест
**- Рисолаи магистрӣ (ихтисоси 24010210–Ҳуқуқшинос) – 10 нафар**
Баҳои «аъло» –3–30%
Баҳои «хуб» —7-70%
Баҳои «қаноатбахш» –нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – нест
**- Рисолаи магистрӣ аз фанни «Ҳуқуқи байналхалқӣ»**
**( ихтисоси 24010110–Ҳуқуқшиноси байналхалқӣ) – 10 нафар**
Баҳои «аъло» –нест
Баҳои «хуб» —4-40%
Баҳои «қаноатбахш» –5-50%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – 1-10%

**Натиҷаи ҷамъбасти кори КАХ-4 аз рӯйи ихтисоси 24010200-ҳуқуқшинос ба назардошти ҳимояи рисолаҳои дипломӣ чунин шуд.**
**ИМТИҲОНИ ТАХАССУС (ИМТИҲОНИ №1)**

- ***Ихтисоси ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ аз фани ҳуқуқи байналмилалӣ(ихтисоси 24010100, ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ гуруҳи тоҷикӣ) –31 нафар***

Баҳои «аъло» -7- 22,58 %
Баҳои «хуб» -22-70,96%
Баҳои «қаноатбахш» -2- 6,46 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

- ***Ихтисоси ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ аз фани ҳуқуқи байналмилалӣ(ихтисоси 24010100, ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ гуруҳи англисӣ) –27 нафар***

Баҳои «аъло» -5- 18,99 %
Баҳои «хуб» -15-55,55%
Баҳои «қаноатбахш» -7- 25,46 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

- ***Ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (ихтисоси 93010100, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ гуруҳи тоҷикӣ) –33 нафар***

Баҳои «аъло» -10- 30,30,%
Баҳои «хуб» -7-21,21%
Баҳои «қаноатбахш» -11- 33,34 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-5 – 15,15%
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

- ***Ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (ихтисоси 93010100, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ гуруҳи руссӣ) –15 нафар***

Баҳои «аъло» -8- 53,33,%
Баҳои «хуб» -7-46,67%
Баҳои «қаноатбахш» -нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

## ҲИМОЯИ РИСОЛАИ ДИПЛОМӢ

- ***Ихтисоси ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ аз фани ҳуқуқи байналмилалӣ(ихтисоси 24010100, ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ гуруҳи тоҷикӣ) –31 нафар***

Баҳои «аъло» -9- 29,4 %
Баҳои «хуб» -22-70,96%
Баҳои «қаноатбахш» -нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

- ***Ихтисоси ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ аз фани ҳуқуқи байналмилалӣ(ихтисоси 24010100, ҳуқуқшиносӣ байналмилалӣ гуруҳи англисӣ) –27 нафар***

Баҳои «аъло» -6- 22,24 %
Баҳои «хуб» -16-59,25%
Баҳои «қаноатбахш» -5- 18,51 %
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

- ***Ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ аз фани ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ихтисоси 93010100, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ гуруҳи тоҷикӣ) –33 нафар***

Баҳои «аъло» -17- 51,52,%
Баҳои «хуб» -16-48,48%
Баҳои «қаноатбахш» -нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

- ***Ихтисоси фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ фани ҳуқуқи ичрои ҷазои ҷиноятӣ (ихтисоси 93010100, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ гуруҳи руссӣ) –15 нафар***

Баҳои «аъло» -15- 100%
Баҳои «хуб» -нест
Баҳои «қаноатбахш» -нест
Баҳои «ғайриқаноатбахш»-нест
Шумораи ҳозир нашудагон-нест;

Бо сабаби доштани давомоти нокифоя санаи 2-юми декабри соли 2019 бо фармоиши Ректори ДМТ таҳти рақами №06-4111-6ст 12 нафар донишҷӯёни ихтисосҳои ҳуқуқшиноси байналхалқӣ, Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ гурӯҳҳои русӣ ва тоҷикӣ, Танзими ҳуқуқии молия ва қарз, ҳифзи ҳуқуқи молия ва қарз аз донишгоҳ хориҷ гардиданд.

## 1.3. ИХТИСОСИ МАГИСТРАТУРА (ҲУҚУҚШИНОСӢ-24010210, ҲУҚУҚИ БАЙНАЛХАЛҚӢ-24010110, ФАЪОЛИЯТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ-93010110, ИДОРАИ ДАВЛАТӢ ВА ҲУҚУҚ-26010210, ФАЪОЛИЯТИ СУДӢ, ПРОКУРОРӢ ВА МУФАТТИШӢ-24010213, ТАНЗИМИ

**ҲУҚУҚИИ МОЛИЯ ВА ҚАРЗ-24010310, САНҶИШИ СУДӢ-93010210, ҲИФЗИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТИ ЗЕҲНӢ-24010218, ҲУҚУҚШИНОСИИ МУҚОИСАВӢ-24010212, ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ТАБИАТ ВА МУҲИТИ ЗИСТ-24010206)**

Бояд қайд намуд, ки дар факултети ҳуқуқшиносӣ бахши магистратура аз рӯйи ихтисосҳои гунонгун фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Аз рӯи ихтисосҳои ҳуқуқшиносӣ-24010210, ҳуқуқи байналхалқӣ-24010110, фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ, фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва тафтишотӣ, танзими ҳуқуқии молия ва қарз, санҷиши судӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ-24010218, ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, ҳифзи муҳити зист курсҳои якум ва дуюми дараҷаи магистратура ба муҳлати ду сол таҳсил менамоянд. Маврид ба зикр аст, ки айни замон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз рӯи **10** ихтисоси номбаргардида дар шакли рӯзона бо назардошти курсҳои 1-ум ва 2-юм дар маҷмӯъ **237** нафар магистр таҳсил менамоянд.

**Теъдоди магистрони шуъбаи рӯзонаи курси 1 ва 2-юм аз руи ихтисосашон**

| № | Номгӯи ихтисос | Шумораи умумӣ | Буҷавӣ | Шартномавӣ | Шаҳрвандони тоҷик | Шаҳрвандони хориҷӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Курси 1** | | | | | |
| **1.** | **24010210-Ҳуқуқшинос** | **74** | **34** | **40** | **74** | **-** |
| 2 | 24010110-Ҳуқуқи байналхалқӣ | 10 | 5 | 5 | 6 | 4 |
| 3 | 26010210-Идораи давлат ва ҳуқук | 19 | 6 | 13 | 8 | 11 |
| 4 | 93010110-Фаъолияти ҳифзи ҳуқук | 18 | 8 | 10 | 16 | 2 |
| 5 | 24010213-Фаъолияти судӣ, прокурорӣ, муфаттишӣ | 33 | 10 | 23 | 30 | 3 |
| 6 | 93010210-Санҷиши судӣ | 8 | 5 | 3 | 8 | - |
| 7 | 24010310-Танзими ҳуқуки молия ва қарз | 8 | 7 | 1 | 8 | - |
| 8 | 24010218-Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ | 5 | 5 | - | 5 | - |
| 9 | 24010206-Ҳифзи ҳуқукии табиат ва муҳити зист | 5 | 5 | - | 5 | - |
| 10 | 24010212-Ҳуқуқшиносии муқоисавӣ | 8 | 6 | 2 | 8 | - |
| | **Ҷамъ** | **188** | **91** | **97** | **168** | **20** |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | **Курси 2** | | | | | |
| 1. | **24010210-Ҳуқуқшинос** | 18 | 10 | 8 | 18 | - |
| 2 | 24010110-Ҳуқуки байналхалқӣ | 11 | 7 | 4 | 9 | 2 |
| 3 | 26010210-Идораи давлат ва ҳуқук | 8 | 6 | 2 | 7 | 1 |
| 4 | 93010110-Фаъолияти ҳифзи ҳуқук | 6 | 5 | 1 | 6 | - |
| 5 | 24010213-Фаъолияти судӣ, прокурорӣ, муфаттишӣ | 6 | 6 | - | 6 | - |
| | **Ҷамъ** | **49** | **34** | **15** | **46** | **3** |
| | **Теъдоди умумии курси 1 ва 2** | **237** | **125** | **112** | **214** | **23** |

Дар шуъбаи магистратура пайваста баҳри ба низом даровардани ҷараёни таълим тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Таҳсил дар шуъбаи магистратура дар асоси низоми таҳсилоти кредитӣ ба роҳ монда шудааст. Тибқи нақшаи таълимӣ магистрон дар як сол ду маротиба санҷишу имтиҳонҳо супорида, рисолаи магистрӣ таҳия менамоянд. Ҳамчунин баҳри дуруст ба роҳ мондани ҷараёни таълим дар шуъбаи магистратура Нақшаҳои инфиродии магистрант ба кафедраҳои факултет дастрас гардида, ҳар як магистр ба кафедраҳои дахлдор вобаста карда шуданд. Магистрони курси якуми ихтисосҳои амалкунанда аз кафедраҳои вобастагардида мавзӯи рисолаи магистрӣ дастрас намуда, бояд дар давоми ду соли таҳсил на кам аз ду мақола ва фишурда таҳия намоянд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пайваста баҳри такмили раванди таҳсил дар шуъбаи магистратура чораҳои зарурӣ меандешад. Магистрон пурра ба таҳсил фаро гирифта шудаанд ва онҳо ба ҳар як кафедраи муайян вобаста гардида, аз ҷониби кафедра ба машғулиятҳои дарсӣ ҷалб карда мешаванд.

Дар соли 2019 магистрони курси 2-юми шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносӣ бахши магистратура аз ихтисоси 24010110 – ҳуқуқи байналхалқӣ, ихтисоси 24010210 ҳуқуқшинос-умумӣ, 93010110 – фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ, 26010210 – идораи давлатӣ ва ҳуқуқ дар КАХ №3, ки раисии онро Директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидзода Изатулло Ҳабибулло ба ухда доштанд, имтиҳони давлатиро супориданд.

**Натиҷаи ҳимояи рисолаҳои магистрӣ дар КАХ-2019 чунин аст.**

**- Рисолаи магистрӣ (ихтисоси 24010210–Ҳуқуқшинос) – 10 нафар**

Баҳои «аъло» –3–30%

Баҳои «хуб» —7-70%

Баҳои «қаноатбахш» –нест

Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест

Шумораи ҳозир нашудагон – нест

**- Рисолаи магистрӣ аз фанни «Ҳуқуқи байналхалқӣ»**
**( ихтисоси 24010110–Ҳуқуқшиноси байналхалқӣ) – 10 нафар**

Баҳои «аъло» –нест

Баҳои «хуб» —4-40%
Баҳои «қаноатбахш» –5-50%
Баҳои «ғайриқаноатбахш» – нест
Шумораи ҳозир нашудагон – 1-10%

## 1. ШУЪБАИ ҒОИБОНАИ МАЪЛУМОТИ ДУЮМИ ОЛӢ (ИХТИСОСИ -24010233)

Дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносӣ (ихтисоси 24010233 – ҳуқуқшиносӣ) ҳамагӣ 694- нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.

Дар курси 1 – 209 нафар;
Дар курси 2 – 235 нафар;
Дар курси 3 – 250 нафар;

Дар шуъба пайваста баҳри ба низом даровардани ҷараёни таълим тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Рафти давомот ва интизоми донишҷӯён пайваста зери назорат қарор гирифта шудааст ва натиҷааш дар ҷаласаҳои садорат муҳокима мегардад. Рафти имтиҳонҳо ба шуъбаи ғоибона хуб ба роҳ монда шудааст.

Раванди таълим барои донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии курсҳои 1-ум ва 2-юм мувофиқи нақшаи таълимии соли 2018, курси 3-юм мувофиқи нақшаи таълимии соли 2014 ба роҳ монда шудааст. Машғулиятҳо дар шуъбаи мазкур барои нимсолаи тирамоҳӣ мувофиқи ҷадвали дарсии тасдиқнамудаи Раёсати таълим аз 11.09.2019с. шурӯъ гардиданд.

Бо мақсади вусъат додани корҳои таълим ва тарбия дар факултети ҳуқуқшиносӣ «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020» қабул гардида, ҷиҳати амалӣ намудани он садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамасола Нақша-чорабиниҳои дахлдор таҳия менамояд. Дар самти таъмини сатҳи баланди сифати таълим дар шуъбаи мазкур  дар давраи ҳисоботӣ чунин корҳо ба анҷом расонида шудаанд:

- ҳангоми оғози дарсҳо матни электронии лексияҳо, саволномаҳои фаннӣ, саволномаҳои тестӣ, слайдҳо, нақшаҳо ба донишҷӯён дастрас карда шуданд;
- баҳри таъмин намудани раванди босифати таълим силлабусҳо ва дигар воситаҳои айёнӣ таҳия гардида, аз ҷониби Шӯрои илмӣ-методии факултет тасдиқ гардида, аз ҷониби устодон фаъолона дар ҷараёни дарсҳо истифода гардиданд;
- барои ворид намудани усулҳои фаъол ва технологияи муосир дар раванди таълим дар шуъбаи мазкур чораҳои амалӣ андешида шуда истодааст;

Ҷиҳати андешидани тадбирҳо баҳри комилан аз байн бурдани дарсшиканӣ дар шуъбаи мазкур дар ҷараёни дарс пайваста аз ҷониби шахсони масъули садорати факултет назорат бурда мешавад. Ба мақсади таъмини сифати ҷараёни таълим ва пешгирии ҳамагуна ҳолатҳои беасоси дарсшиканӣ ва ивази бемувофиқа (бомувофиқа)-и дарсҳо аз ҷониби садорати факултет дар ҷаласаҳои садорат таъкидҳо ба амал баровварда шуда, ҳамзамон гурӯҳҳои махсуси корӣ таъсис дода шуда буданд, ки вазифаи асосии аъзоёни гурӯҳ пурзур намудани кор дар ин самт буд.

Аз ҷониби аъзоёни Шӯрои илмӣ-методии факултет дар ҳамбастагӣ бо муовини декан оид ба таълим дар шуъбаи мазкур масъалаи таҳлили ҷараёни дарсҳо мақсаднок ба роҳ монда шуда буд. Дар ҳар мавриди ошкор намудани дарсшиканӣ аз ҷониби омӯзгорон дар ин хусус ахбори расмӣ ба Раёсати ДМТ манзур карда шудааст. Давомот, риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва ҳолати иҷрои дастурамали либосҳои тавсиявӣ аз ҷониби донишҷӯёни шуъба мазкур пайваста мавриди назорат қарор

дошта, нисбати донишҷӯёне, ки талаботҳои зикршударо риоя накардаанд, муҷозотҳои арзандаи интизомӣ андешида шудааст.

Дар маҷмӯъ бояд қайд намуд, ки ҷараёни дарс дар шуъбаи мазкур дар давраи ҳисоботӣ муътадил идома кард. Ягон ҳолатҳои ҷиддии дарсшиканӣ ва муддатҳои дароз баргузор нагаштани дарсҳо ба қайд гирифта нашудаанд. Аз ҷониби тамоми устодони кафедраҳо сарбориҳои таълимӣ то ин давра иҷро шудаанд. Машғулиятҳои лексионӣ ба таври дахлдор доир шуданд.

Дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сессияи асосии имтиҳонии тирамоҳӣ дар курси 3(5)-юм аз 11.09.2019с. то 29.09.2019с. ва сессияи имтиҳонии иловагӣ бошад аз 30.09.2019с. то 09.10.2019с. баргузор гардид.

Дар курси 2(4)-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ, сессияи тирамоҳӣ аз 07.10.2019с. то 27.10.2019с. ва даври иловагии он бошад аз 28.10.2019с. то 07.11.2019с. баргузор гардид.

Дар курси 1(3)-юми шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ, сессияи тирамоҳӣ аз 28.10.2019с. то 17.11.2019с. ва даври иловагии он бошад аз 18.11.2019с. то 27.11.2019с. баргузор гардид.

Теъдоди донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олии факултети ҳуқуқшиносӣ, ки дар соли 2019 аз донишгоҳ хориҷ шудаанд.

| Р/т | Курс | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Қарзи академӣ | Давом нокифоя | Вайрон кардани тартибот | Баъзе сабабҳо | шарт. |
| 1. | Курси 1 | 5 | - | - | - | 1 | 4 |
| 2. | Курси 2 | 36 | 5 | 5 | - | - | 26 |
| 3. | Курси 3 | - | - | - | - | - | - |
| **Ҳамагӣ дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти 2-юми олӣ** | | 41 | 5 | 5 | - | 1 | 30 |

**Натиҷаи қарори комиссияи донишгоҳӣ оид ба гузаронидан ва барқароркунӣ дар нимсолаи баҳорӣ ва тирамоҳии соли 2019**

Дар нимсолаи тирамоҳии соли таҳсили 2019-2020 **18** нафар донишҷӯ ба шуъбаи мазкур интиқол ва барқарор шудаанд.

Таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломӣ барои донишҷӯёни курси 3(5)-и шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ, мувофиқи нақшаи амалкунандаи таълимӣ 4 - ҳафта пешбинӣ шудааст, 2-ҳафта дар назди кафедраҳои факултет ва 2-ҳафта дар мақомоти судӣ сафарбар карда шуданд.

Қабули таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва пешаздипломии донишҷӯёни курси 3(5)-и шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ аз ҷониби устодони

кафедраҳои «Ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ» ва «Ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ» ба роҳ монда мешавад.

**Натиҷаи КАХ-и шуъбаи ғоибонаи муълумоти дуюми олӣ дар соли таҳсили 2018-2019**

Дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти 2-юми олии факултети ҳуқуқшиносӣ натиҷаи Комиссияи аттестатсионии хатм дар соли таҳсили 2018-2019 бо муваффақият ба анҷом расид. Мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳ дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти 2-юми олии факултети ҳуқуқшиносӣ аз фанни «Назарияи давлат ва ҳуқуқ» санаи 29.04.2019с. имтиҳони давлатӣ оғоз гардида, санаи 14.05.2019с. ба анҷом расид. Ҳимояи рисолаи дипломӣ аз санаи 23.05.2019с. оғоз гардида, санаи 04.06.2019с. пурра ба анҷом ёфт. Мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳ дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти 2-юми олии факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамагӣ 257-нафар донишҷӯ ба имтиҳони давлатӣ иҷозат гирифтанд. Дар кори КАХ **3**-нафар баҳои ғайриқаноатбахш гирифтааст ва **6** нафар дар имтиҳони давлатӣ иштирок накарданд.

## 2. ШУЪБАИ ҒОИБОНАИ МАЪЛУМОТИ ЯКУМ (НИЗОМИ ТАҲСИЛОТИ ФОСИЛАВӢ)

Курс **1** - шумораи умумӣ **81** нафар донишҷӯ, гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200- **32** нафар, ихтисоси 26010200-идораи давлатӣ ва ҳуқуқ-27 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ-22 нафар)

Курс **2** - шумораи умумӣ **104** нафар донишҷӯ, гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200- 55 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлатӣ ва ҳуқуқ-28 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ-21 нафар)

Курс **3**- шумораи умумӣ **116** нафар донишҷӯ, гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200- 70 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлатӣ ва ҳуқуқ-31 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ-15 нафар)

Курс **4**- шумораи умумӣ **124** нафар донишҷӯ, гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200-81 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлатӣ ва ҳуқуқ-26 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ-17 нафар

Курси **5**- шумораи умумӣ **94** нафар донишҷӯ, гурӯҳи тоҷикӣ (ихтисоси-24010200-57 нафар, ихтисоси 26010200- идораи давлатӣ ва ҳуқуқ-28 нафар, ихтисоси 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ-9 нафар)

**Дар маҷмӯъ дар шуъбаи мазкур 519 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд.**

Дар шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ ихтисосҳои 24010200-ҳуқуқшиносӣ, 26010200-идораи давлатӣ ва ҳуқуқ ва 93010100-фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ амал мекунанд, ки ҳамагӣ 519 нафар донишҷӯ таҳсил менамоянд. Дар шуъба пайваста баҳри ба низом даровардани ҷараёни таълим тадбирҳои зарурӣ андешида мешавад. Рафти давомот ва интизоми донишҷӯён пайваста зери назорат қарор гирифта ва натиҷааш дар садорат муҳокима мегардад. Донишҷӯёне, ки дар дарсҳо иштирок надоштанд муҷозоти интизоми «Танбеҳ» дода шуда, пас аз баёнот ва маълумотномаи тиббӣ ба супоридани рейтинг ва имтиҳонҳо иҷозат дода шудаанд. Рафти имтиҳонҳо ба шуъбаи ғоибона хуб ба роҳ монда шудааст. Дар давоми соли 2019 аз шуъбаи ғоибона **10 нафар** донишҷӯ барои қарзи академӣ, қарзи молиявӣ ва давомоти нокифоя аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шуданд.

Дар курси 5-уми шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сессияи асосии имтиҳонҳои нимсолаи тирамоҳӣ аз 11.09.2019 то 29.09.2019 ва сессияи имтиҳонии иловагӣ бошад аз 30.09.2019 то 09.10.2019 ва сессияи асосии имтиҳонҳои нимсолаи баҳорӣ аз 20.01.2020с. то 09.02.2020с. баргузор мегардад.

Дар курси 4-уми шуъбаи ғоибона сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи тирамоҳӣ аз 07.10.2019 то 07.11.2019 ва сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи баҳорӣ аз 10.02.2020 то 11.03.2020 баргузор мегардад.

Дар курси 3-юми шуъбаи ғоибона сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи тирамоҳӣ аз 20.10.2019 то 27.11.2019 ва сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи баҳорӣ аз -2.03.2020 то 08.04.2020 баргузор мегардад.

Дар курси 2-юми шуъбаи ғоибона сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи тирамоҳӣ аз 18.11.2019 то 18.12.2019 ва сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи баҳорӣ аз 30.03.2020 то 29.04.2020 баргузор мегардад.

Дар курси 1-уми шуъбаи ғоибона (низоми таҳсилоти фосилавӣ) сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи тирамоҳӣ аз 09.12.2019 то 08.01.2020 ва сессияи санҷишию имтиҳонии нимсолаи баҳорӣ аз 20.04.2020 то 20.05.2020 баргузор мегардад.

**Натиҷаи ҷамъбасти сессияи тирамоҳӣ дар шуъбаи ғоибона чунин аст:**

Дар курси 5-уми ихтисосҳои умумӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 94 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд. Сессияи санҷишу

имтиҳонҳои нимсолаи тирамоҳиро то ҳол 88 нафар пурра ҷамъбаст кардаанд ва 6 нафар қарздоранд.

Дар курси 4-уми ихтисосҳои умумӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 124 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд. Сессияи санҷишу имтиҳонҳои нимсолаи тирамоҳиро то ҳол 76 нафар пурра ҷамъбаст кардаанд ва 48 нафар қарздоранд.

Дар курси 3-юми ихтисосҳои умумӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 116 нафар донишҷу таҳсил мекунанд. Сессияи санҷишу имтиҳонҳои семестри тирамоҳиро то ҳол 45 нафар пурра ҷамъбаст кардаанд ва 71 нафар қарздоранд.

Дар курси 2-юми ихтисосҳои умумӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 104 нафар донишҷу таҳсил мекунанд. Айни замон дарс рафтаистодааст

Дар курси 1-уми шакли таҳсили фосилавии ихтисосҳои умумӣ, идораи давлатӣ ва ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 32 нафар донишҷӯ таҳсил мекунанд. Сессияи курси 1-ум аз санаи 09.12.2019 оғоз мегардад.

**Теъдоди донишҷӯёни шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ, ки аз моҳи сентябри соли 2019 то ин ҷониб аз донишгоҳ хориҷ шудаанд.**

| Р/т | Курс | Ҳамагӣ | Аз ҷумла | | | | | | Аз инҳо | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | Карзи академӣ | Давом нокифоя | Вайрон кардани тартибот | Интиқол | Ба итмом расидати мухлати рухс.акад | Бо хохиши худ | бучавӣ | шарт |
| 1 | Курси 1 | 1 | | | | | | 1 | | 1 |
| 2 | Курси 2 | 1 | | | | 1 | | | | 1 |
| 3 | Курси 3 | 5 | 5 | | | | | | | 5 |
| 4 | Курси 4 | 3 | 3 | | | | | | | 3 |
| 5 | Курси 5 | | | | | | | | | |
| | **Ҳамагӣ** | **10** | **8** | | | **1** | | **1** | | **10** |

**Оид ба таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ дар соли 2019**

Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ барои донишҷӯёни курсҳои 3-юм ва 4-уми шуъбаи ғоибона мувофиқи нақшаи амалкунандаи таълимӣ 2-ҳафта пешбинӣ шуда буд, ки он дар Мақомоти судӣ, Суди конститутсионии ҶТ, Мақомоти маҳаллии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва шуъбаи корҳои дохилӣ баргузор гардид. Мувофиқи фамоиши Ректори донишгоҳ донишҷӯён ба мақомотҳои дар боло зикршуда сафарбар карда шуда буданд, ки донишҷӯёни курсҳои 3-юм аз санаи 08.04.2019 то 13.04.2019 ва дар курсҳои 4-ум аз санаи 04.03.2019 то 16.03.2019 сафарбар гардиданд.

Қабули таҷрибамомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ курси 3-юм ва 4-уми шуъбаи ғоибонаи аз ҷониби устодони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва кафедраи ҳуқуқи гражданӣ дар факултет аз санаи 20.09.2019 оғоз гардида буд, санаи 20.10.2019 пурра ба анҷом расид. Нафароне, ки то ҳол баҳои таҷрибаомӯзиро нагирифтаанд аз донишгоҳ хориҷ шудаанд.

**Натиҷаи КАХ-и шуъбаи ғоибонаи муълумоти якуми олӣ дар соли таҳсили 2018-2019**

Натиҷаи Комиссияи аттестатсионии хатм дар соли таҳсили 2018-2019 чунин аст. Мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳ дар шуъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносӣ аз санаи 22.04.2019с. имтиҳони давлатӣ оғоз гардида, санаи 29.05.2019с. пурра ҷамъбаст шуд. Мувофиқи фармоиши ректори Донишгоҳ дар шуъбаи ғоибона ҳамагӣ 113-нафар донишҷӯ ба имтиҳони давлатӣ иҷозат гирифтанд. Аз инҳо 108 - нафарашон имтиҳони давлатиро пурра супориданд, 5 – нафар дар имтиҳони давлатӣ иштирок накарданд. Бо баҳои аъло – 15 нафар, бо баҳои хуб – 27 нафар, бо баҳои қаноатбахш- 13 нафар, бо баҳои хуб ва қаноатбахш ва аъло -53 нафар имтиҳони давлатиро ҷамъбаст намуданд.

## 3. ШӮРОИ ОЛИМОН

Дар соли 2019 Шӯрои олимони факултет 10-маротиба ҷаласа доир намуд, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалии факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Аз ин миён 9 ҷаласаи навбатӣ ва 1 ҷаласаи ғайринавбатӣ

баргузор гардид. Дар маҷмӯъ дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2019 **61** масъала мавриди баррасии аъзоёни Шӯрои олимон қарор гирифта, нисбат ба онҳо **183** қарор қабуд гардидааст.

Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо мақсади баррасии масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва робитаҳои байналмилалӣ ҳамчун мақоми идоракунандаи факултет мувофиқи Низомномаи Шӯрои олимони ДМТ, Нақшаи кории Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ барои соли таҳсил ва фармоиши ректори донишгоҳ фаъолият менамояд. Ба ҳайати Шӯрои олимони факултет декан, муовинони декан, мудирони кафедраҳо, намояндагони дигар ниҳодҳои сохтории факултет шомил ҳастанд.

Нақшаи кории Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ дар оғози соли таҳсил зимни баргузории ҷаласаи аввали Шӯрои олимон дар моҳи сентябри ҳар сол қабул ва тасдиқ карда мешавад. Тибқи он дар соли таҳсил масъалаҳо оид ба фаъолияти омӯзгорону кормандон ва донишҷӯён баҳри дар амал татбиқ гардидани сиёсати давлатӣ оид ба илм ва маориф, иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастуру супоришҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармоишҳои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, қарорҳои Раёсати донишгоҳ оид ба таълиму тарбия ва илм, инчунин фаъолияти таълимӣ-методӣ, илмӣ таҳқиқотӣ, тарбиявӣ, ҷамъиятӣ ва масъалаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ баррасӣ гардида, қарорҳои судманд қабул мегарданд.

Дар Шӯро пайваста масъалаҳои асосии фаъолияти таълимию тарбиявӣ, илмию методӣ ва робитаҳои байналмилалии факултет мавриди баррасӣ ва муҳокима қарор мегиранд.

Боиси тазаккур аст, ки баҳри рушду такмили раванди таълим ва тарбияи мутахассисони ҷавон, инкишофи минбаъдаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар факултет, баланд бардоштани нақши он дар миқёси ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ Шӯрои олимон масъалаҳои рӯзмарраро мавриди баррасӣ қарор медиҳад.

Яке аз самтҳои асосӣ ва муҳимми фаъолияти Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ баррасии масъалаҳои корҳои таълимию методӣ, илмию тадқиқотӣ, тарбиявию маъмурӣ ва робитаҳои байналмилалӣ мебошад.

Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ барои беҳтар намудани раванди таълим ва тайёр намудани мутахассисони баландихтисос диққати махсус медиҳад. Аз ин рӯ, ҳар сол фаъолияти кафедраҳои тахассусии дар факултет амалкунанда ва сохторҳои алоҳидаи факултет аз назорати аъзои Шӯрои олимон гузашта, вазъи раванди таълим, тарбия, корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва робитаҳои байналмилалӣ дар ин бахшҳо дар ҷаласаҳои Шӯро баррасӣ мегарданд.

Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ вазъи корҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва илмию методӣ дар кафедраҳои факултет ва

сохторҳои алоҳидаи он муҳокима гардида, оид ба ин масъалаҳо қарорҳои мушаххас қабул мешаванд. Дар баробари ин, роҳҳои беҳтар намудани ҷараёни таълим, илм ва рафти сессияҳои санҷишӣ-имтиҳонӣ ва натиҷаҳои он дар мадди назари аъзои Шӯрои олимон қарор дорад.

Масъалаи дигаре, ки пайваста мавриди баррасии ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултети ҳуқуқшиносӣ қарор мегирад, ин пешниҳоди омӯзгорони факултет барои гирифтани унвонҳои илмии дотсентӣ ва профессории Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Шӯрои олимони факултет ҳуқуқи пешбарии довталабонро ба Шӯрои олимони донишгоҳ барои унвонҳои дотсент ва профессори кафедра, инчунин дотсент ва профессор аз рӯйи ихтисосро дорад.

Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимон фаъолияти кафедраҳо ва ҳисоботи мудирони кафедраҳо ҳаматарафа баррасӣ шуда, бурду бохти онҳо дар ҷабҳаи фаъолияти илмӣ-методӣ, таълимӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-тадқиқотӣ муайян гардида, оид ба бартараф намудани камбудиҳо қарорҳои мушаххас қабул карда мешавад.

Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет ҳар як сохтори таркибии факултет аз фаъолияти худ гузориш медиҳанд, ки он мавриди муҳокимаи оммавии аъзоёни Шӯро қарор гирифта, оид ба бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва андешидани чораҳои зарурӣ баҳри беҳтар намудани кор дар самти мазкур тавсияҳои судманд пешниҳод карда мешавад.

## 4. ШӮРОИ ОЛИМОН ВА МУҲАҚҚИҚОНИ ҶАВОН

Яке аз зерсохторҳои ҷамъиятии факултети ҳуқуқшиносӣ Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон мебошад. Шӯрои мазкур фаъолияти худро дар асоси Низомномаи намунавии Шӯрои олимони ҷавони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29.06.2016с., №9/41 тасдиқ карда шудааст ва Низомномаи Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони ДМТ, ки соли 2015 тасдиқ шудааст, дар соли 2019 ба роҳ мондааст.

Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ шумораи умумии омӯзгорон зиёда 160 нафарро ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ 131 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Бештари омӯзгорони факултет ҷавон буда, аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон факултет мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ яке аз масъалаҳои асосӣ дар байни аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон ин ҳимоя намудани рисолаҳои номзадӣ мебошад. Дар шӯрои навтаъсис аз рӯйи ихтисосҳои 12.00.01 - назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунисипиалӣ ва 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ доир мегарданд. Дар соли 2019 аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавон рисолаҳои номзадӣ ҳимоя

намуданд, аз ҷмула Искандаров Ш., Соҳибов М.М., Саъдиев И., Ибрагимов Д., Шарифзода С., Бобохонов Ҳ.З., Саломов И.И. ва дигарон.

Олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар ҳамкори бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маъракаҳои сиёсӣ, аз ҷумла интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, интихоботи вакили Ҷамоат ҳамкориро ба роҳ мондаанд.

Ҷиҳати фаҳмонидани қонунгузории интихобот, аз ҷумла Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо ташаббуси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкори бо Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон курси коршиноси масъалаҳои интихоботро ташкил намуданд, ки 14 омӯзгори факултет, аз ҷумла 8 нафаршон олимони ҷавон мебошанд. Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷ., Соҳибов М.М., Қодиров Д.С., Қодиров Н.А., Соибов З.М., Саъдиев И.З., Миралиев Э.Б. соли 2019 курси омода намудани коршиноси масъалаҳои интихоботро дар Донишкадаи такмили ихтисоси Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон хатм намуданд.

Ҳамзамон аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултет дар чорибиниҳои факултет ва ДМТ фаъолона иштирок намуда, бо маърӯзаҳо баромад менамоянд, аз ҷумла дар Форуми панҷуми волоияти қонун, ки бо ташаббуси Вазорати адлияи ҶТ ба роҳ монда шудааст, аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултет иштирок намуданд. Ҳамзамон аъзои Шӯрои олимон ва муҳаққиқони ҷавони факултет дар конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба таври хеле фаъолона иштирок намуданд.

## 5. САДОРАТИ ФАКУЛТЕТ

Дар соли 2019 Садорати васеи факултет **9**-маротиба ҷаласа доир намуд, ки дар он муҳимтарин масъалаҳои пешбурди ҳаёти таълимии факултет мавриди баррасӣ қарор дода шуда, вобаста ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда шуданд. Дар маҷмӯъ дар ҷаласаҳои Садорати васеи факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2019 **36** масъала мавриди баррасии аъзоёни Садорати васеъ қарор гирифта, нисбат ба онҳо **108** қарор қабуд гардидааст.

## 6. ШӮРОИ ИЛМИЮ МЕТОДӢ

Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси Нақшаи кории Шӯрои илмию методии ДМТ аз 29.09.2018, №1, Нақшаи кории Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2018-2019 (Дар ҷаласаи Шӯрои илмию методӣ аз 30.08.2018с. баррасӣ карда шуда, аз ҷониби ректори ДМТ санаи 14.10.2018 тасдиқ шудааст) ва Нақшаи кории Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои соли таҳсили 2018-2019 (Дар ҷаласаи Шӯрои илмӣ - методӣ аз 31.08.2018с. баррасӣ карда шуда, аз ҷониби ректори ДМТ санаи 14.10.2018 тасдиқ шудааст) ба роҳ мондааст. Ҳайати Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 14 нафарро ташкил медод.

Муҳимтарин масъалаҳои пешбурди сифати таълим дар маҷлисҳои Шӯрои илмию методӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, оид ба онҳо қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд, ки иҷроиши онҳо барои тамоми кафедраҳои тахассусӣ ва субъектони раванди таълим ҳатмӣ мебошад. Санҷиши матни лексияҳо, саволномаҳои фаннӣ, саволномаҳои тестӣ, слайдҳо, нақшаҳо ва дастрас намудани нусхаи электронӣ ва ё чопии он ба донишҷӯён, тасдиқи барномаҳои корӣ ва силлабусҳои устодони факултет, азназаргузаронӣ ва баррасии тестҳое, ки барои қабули имтиҳонҳо пешниҳод мегарданд, чораандешӣ ҷиҳати боло бурдани нақши кафедраҳои амалкунандаи факултет дар самти истифодаи усулҳои нави фаъол ва инноватсионӣ дар раванди таълим, боло бурдани сатҳу сифати донишандӯзии донишҷӯён, натиҷагирӣ аз истифодаи самараноки корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар раванди таълим, санҷиши ташкил ва гузаронидани дарсҳои кушод аз ҷониби кафедраҳои факултет, воридшавии ба дарсҳои устодон ҷиҳати муайян намудани малакаи касбии онҳо аз қабили масъалаҳои муҳимтарини Шӯрои илмию методии факултет ба ҳисоб рафта, аъзоёни он бахри боло бурдани сатҳу сифати таълим чораҳои дахлдорро андешидаанд. Дар маҷмӯъ муфовиқи нақшаи кории мазкур дар соли ҳисоботӣ 10 маҷлис гузаронида шуда, 38 масъала мавриди баррасӣ қарор дода шуда, бо суратҷаласаҳо ба тартиб дароварда шудаанд.

Шӯрои илмию методии факултет, ки фаъолияти худро дар самти таъмини раванди таълим бо тавсияҳои судманди методӣ, барномаҳои таълимӣ, барномаҳои корӣ, силлабусҳо, билетҳои имтиҳонӣ, саволномаҳои тестӣ, саволномаҳои санҷишӣ ҷоннок гардонида, матни лексияҳоро бознигарӣ ва таҷдиди назар намуда, дар маҷмӯъ бахри боло рафтани мазмуну мундариҷаи машғулиятҳои лексионӣ ва амалӣ чораҳои мушаххас андешидааст. Дар соли ҳисоботӣ 27 дастури таълимию методӣ, 3 барномаи таълимӣ, 115 барномаҳои кории устодон, 198 силлабусҳо, 78 саволномаҳои тестиро таҷдиди назар гардида, ба чоп тавсия шуд. Дар баробари ин 43 монография, 38 воситаи таълимӣ ва 8 китоби дарсӣ таҳлил шуда, ба Шӯрои илмию методии донишгоҳ тавсия карда шуданд. Тамоми матни лексияҳои устодон бознигарӣ ва ба донишҷӯён матни электронии онҳо дастрас гардиданд.

Мунтазам ташкил намудани чараёни иштироки мудирони кафедраҳо ва устодони собиқадор дар машғулиятҳои лексионӣ ва амалии омӯзгорони чавон, аз чумла ташкил намудани воридшавӣ ба дарсҳо дар байни кафедраҳои ҳамчавор ё ин ки ба дарси ҳамдигар ворид шудани устодон яке аз чораҳое мебошад, ки барои боло бурдани сатҳу сифати таълим мусоидат менамояд. Дар раванди боло бурдани сифати таълим ва сатҳи донишандӯзии донишчӯён истифода намудани усулҳои нави таълим мувофиқи мақсад мебошад. Ин усулҳо барои омода намудани ҳуқуқшиносон дар иртибот ба талабот ва дархости чомеаи имрӯза кӯмак менамоянд. Мақсад аз истифодаи навгониҳо ин модернизатсияи раванди таълим чиҳати омода намудани ҳуқуқшиносони дорои донишҳои сатҳи баланди назариявӣ ва илмӣ, рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат, муоширати баланди касбӣ ,маҳсуб меёбад. Усулҳои нави таълим бо назардошти чараён ва тамоюли рушди раванди таълим, аз қабили пайваста тачдиди назар намудани маводҳои таълимӣ, мазмун ва мундаричаи фанҳои тадрисшаванда, ворид намудани фанҳои нави таълимӣ, тавъам намудани таълим ва тарбия, алоқаи ногусастании таълим ва шахсият, дар як замон ба роҳ мондани таълим ва ташаккули шахсият, ташаккули донишҳои ҳуқуқӣ ва арзишҳои ахлоқӣ, ҳуқуқ ва ахлоқ ҳамчун танзимкунандагони рафтори одамон дар асоси мустаҳкамкунии ҳуқуқии принсипҳо ва талаботҳои ахлоқӣ, мустақилона арзи ҳастӣ намудани онҳо дар намуди кодексҳо қоидаҳо, принсипҳои рафтори ахлоқӣ, ворид карда мешавад. Дар ин самт аъзоёни Шӯрои илмию методӣ ба 95 дарсҳои кушод воридшуда, натичаҳои онро дар мачлиси кафедраҳо ва мачлиси Шӯро мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ҳамзамон ба дарсҳои 52 ассистентон, 11 маллими калон, 35 дотсентон аъзоёни Шӯро ворид гардида, таҳлилҳои чиддӣ гузаронида ба онҳо тавсияҳои судманди методӣ додаанд.

Дар оянда Шӯрои илмию методии факултети ҳуқуқшиносӣ баҳри боз ҳам боло бурдани сатҳу сифати таълим чораҳои зеринро андешад:

- ба роҳ мондани низоми роҳнамоӣ ва додани машварат аз чониби профессорон ва олимони барчастаи факултет ба омӯзгорони чавон дар самти ба нақшагирии машғулиятҳои дарсӣ, истифодаи усулҳои таълим, интихоб ва татбиқи технологияҳои муосир;

- даъват намудани олимони маъруфи донишгоҳҳо ва муассисаҳои илмӣ, кормандони амалия барои гузаронидани машғулияти лексионӣ ва амалӣ марбут ба масъалаҳои мубрами тахассусҳо, инчунин марбут ба масъалаҳои истифодаи усулҳои таълиму тадрис, равоншиносӣ, фарҳанг ва санъати сухан, ахлоқи касбӣ ва ғайра;

- пайваста такмил додани усулҳои замонавии омӯзиши раванди таълим;

- дар раванди таълим ворид намудани усулҳои интерактивии омӯзиш: тренингҳо, бозиҳо, усули Суқрот, формулаи МАМН (мавқеъ, асосноккунӣ, мисоловарӣ, натича), ҳучуми ақлӣ, манбаи қарорҳо, кор бо гурӯҳҳои хурд, ҳалли масъала, пурсиши муттақобила ва ғ.

- истифодаи самараноки усулҳои маъмул ва интерактивии таълим;

- модернизатсияи низоми омода намудани ҳуқуқшиносҳои касбӣ бо роҳи мақсаднок баргузор намудани машғулиятҳои назариявӣ ва амалӣ, истифодаи шаклу усулҳои иловагӣ ва инфиродии боло бурдани сатҳу сифати таълим (дарсҳои факултативӣ, маҳфилҳои донишҷӯён ва ғ.);

- таъсиси низоми кор бо донишҷӯёни соҳибистеъдод тавассути ташкил намудани чорабиниҳо, озмунҳо, гурӯҳҳои омӯзиши фарохтари барномаҳои таълимӣ ва ҳавасманд намудани донишҷӯёни соҳибистеъдод барои кор аз рӯи тахассус пас аз хатми донишгоҳ, ҷалб намудани онҳо дар корҳои илмӣ.

## 6. НАТИҶАИ ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ ХАТМКУНАНДАГОН

Маврид ба зикр аст, ки дар асоси фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 05 апрели соли 2019, № 123-6 «Оид ба тақсимоти хатмкунандагони шуъбаи рӯзонаи гурӯҳҳои буҷавии хатми соли 2018-2019» санаи 16 майи соли 2019 ба мақсади таъмин намудани ташкилоту идораҳои ҷумҳурӣ бо мутахассисони ҷавон дар факултети ҳуқуқшиносии донишгоҳ тақсимоти давлатии хатмкунандагони гурӯҳҳои буҷавии шуъбаи рӯзона баргузор гардид.

Бо ин мақсад дар умум ба унвонии беш аз 35 роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ дар хусуси замон ва макони баргузории тақсимоти хатмкунандагон мактуби расмӣ ирсол шуда буд. Дар рӯзи тақсимот намояндагони Суди Олии Ҷумҳуриии Тоҷикистон, Прокуратураи генералӣ Ҷумҳуриии Тоҷикистон, Вазорати адлия, Вазорати маориф ва илм, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи оид ба корҳои дин, танзими анъана ва ҷашну маросими миллии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарраёсати иҷрои ҷазои вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҶСК «Ориёнбонк», Бонки миллии Тоҷикистон, СИҶҶ Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази ҷумҳуриявии экспертизаи судӣ ва криминалистии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Ба мақсади дар сатҳи баланди ташкилӣ доир шудани тақсимоти хатмкунандагон аз ҷониби Раёсати донишгоҳ ва садорати факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми чораҳои дахлдор андешида шуданд. Ба ин хотир рӯйхати тамоми хатмкунандагони гурӯҳҳои буҷавии шуъбаи рӯзона ва ҳамзамон донишҷӯёни гурӯҳҳои шартномавие, ки давоми панҷ сол бо баҳои аъло таҳсил намуда, номзад барои гирифтани дипломи «аъло» мебошанд, дар асоси ҷадвалҳои пешниҳоднамудаи донишгоҳ омода ва ба комиссия пешниҳод шуда буд. Дар маҷмӯъ **367** нафар хатмкунандагон бо назардошти ду курси хатмкунанда (курсҳои 4 ва5) барои иштирок дар кори комиссияи тақсимот тавсия шуда буданд. Аз ин шумора **80** нафар номзад ба гирифтани дипломи «аъло» ба ҳисоб мерафтанд, ки нисбати онҳо рӯйхати алоҳида ба комиссия пешниҳод гардид.

Дар натиҷаи кори комиссия теъдоди муайяни хатмкунандагон ба мақомоту сохторҳои зерин тавсия шуданд: Мақомоти суд – 12 нафар, Прокуратури генералӣ – 19 нафар, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2 нафар, Вазорати адлия - 6 нафар, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – 5 нафар (магистратура). Шумораи бештари хатмкунандагон барои интихоби озод тавсия шуданд.

Хотирнишон бояд сохт, ки баъд аз гузаронидани озмун дар мақомотҳои давлатӣ шумораи бештари тавсияшудагон ба кор қабул гардиданд. Хушбахтона аз ҷониби роҳбарияти мақомотҳои давлатӣ кадрҳои ба вазифаҳои нав таъйингардида хуб пазируфта шуда, ба иҷрои вазифаҳои муайян сафарбар гардидаанд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон миннатдории худро ба роҳбарони мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ мерасонад, ки хатмкунандагони факултетро ба хуби пазируфта, ба вазифаҳои муайян сафарбар намуданд. Миннатдории садорати факултети ҳуқуқшиносӣ махсусан ба роҳбарияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонн барои таъмини шумораи зиёди хатмкунандагони соли 2019 ба ҷойи кор расонида мешавад.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ пайваста баҳри таъмини хатмкунандагон ба ҷойи кори мувофиқ тадбирҳо андешида, ҳамкории худро дар ин самт бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо, сохторҳои ҳифзи ҳуқуқ ва муассисаҳои таълимӣ тақвият мебахшад.

## II.ҲИСОБОТИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТӢ ДАР СОЛИ ТАҚВИМИИ 2019

## 2.1. КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАҲҚИҚОТИИ ФАКУЛТЕТ

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба ифтихори «Рӯзи дониш» санаи 01.09.2019 қайд намуданд, ки «Мо бояд кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои байналмилалӣ, мутахассисони дорои сатҳи баланди касбӣ ва кормандони ватандӯсту масъулиятшиносро омода намоем. Таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, ки шахсони босаводу донишманд барои ҳар як давлату миллат сарвати бебаҳо, нерӯи тавонои зеҳнӣ ва кафили пешрафти давлату ҷомеа ба шумор мераванд. Дар ин раванд, ҳамеша дар ёд бояд дошт, ки мо ворисони мероси бузурги маънавии гузаштагони некноми худ ҳастем». Бахри ноил гардидан ба чунин боварӣ ва ҳидоятҳои хирадмандона дар соли сипаришуда факултети ҳуқуқшиносии ДМТ як қатор чораҳои дахлдорро оид ба баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ва рушди илми ҳуқуқшиносӣ андешид.

Соли 2019 яке аз солҳои бобарор ва пурсамари корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ барои факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад. Устодони факултет дар соли ҳисоботӣ бахри иҷроиши корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ ҳиссаи арзандаи худро гузоштаанд. Ҳамаи ин натиҷаҳои назаррас барои баланд бардоштани сифати таълим, такмили қонунгузории амалкунанда ва рушди босуботи Тоҷикистони азиз истифода хоҳанд шуд.

Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ–таҳқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ гуногунҷабҳа буда, он ба масъалаҳои гуногуни назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, масоили гуногуни соҳаҳои ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди ҳуқуқи граждании, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи ҷиноятӣ, мурофиаи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ, назорати прокурорӣ, ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи таъминоти иҷтимоӣ, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи гумрук, ҳуқуқи манзил ва ғайраҳо бахшида шудааст.

Шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли ҳисоботӣ 160 (25 нафараш зан) нафарро ташкил дода, барои иҷрои корҳои илмӣ–таҳқиқотӣ 131 нафари онҳо ҷалб карда шудаанд. Дар қатори онҳо 21 нафарашон доктори илми ҳуқуқ, профессор мебошанд, ки аз ин шумора 2 нафарашон Академики АИ ҶТ, 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 68 нафар номзади илм, аз онҳо 54 дотсент, 3 профессор (59 номзади илми ҳуқуқ, 3 нафар номзади илмҳои филологӣ ва 2 нафар номзади илмҳои педагогӣ, аз ин шумора 12 нафарашон зан), 12 нафар муаллими калон (2 нафари онҳо зан ва 1 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ ва 1 нафар номзади илмҳои филологӣ) ва 63 нафар ассистент (7 нафараш зан ва 9 нафари онҳо номзади илми ҳуқуқ) мебошанд.

Сину соли омӯзгорони факултет мардон 37 сола ва занон бошад 40 соларо ташкил медиҳад. Боиси сарфарозии ҳамаи омӯзгорон ва кормандони факултет аст, ки дар соли равон Азиззода У.А.-доктори илмҳои ҳуқуқ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии

муқоисавӣ ва муаллими калони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Фозилов Н.Н. аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бо медали "Хизмати шоиста" сарфароз гардонида шуданд. Ҳамзамон, Абдуллоев П.С.-номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ бо Ҷоизаи ба номи Исмоили Сомонӣ дар соли 2019 сарфароз гардиданд. Ҳамчунин, 3 нафар устодони собиқадори факултет Ямоқова З.Д., Абдуллоев Н.А. ва Имомов А.И. ба унвони профессори кафедра сарфароз гардонида шуданд. Зиёда аз 100 нафар омӯзгорони факултет бо медал, ифтихорнома ва сипосномаҳои соҳавӣ ба муносибати 70-солагии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ қадрдонӣ гардиданд.

Соли 2019 ба чорабиниҳои муҳимми сиёсии кишвар, аз қабили таҷлили рӯзи Артиши миллӣ, 22–солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, 28–умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 25–умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27–солагии Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 70-солагии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рост омад. Ба ин муносибат мутобиқи нақшаи Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар факултети ҳуқуқшиносӣ як қатор чорабиниҳои муҳим баргузор гардид. Дар асоси нақшаи конференсияҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва чорабиниҳои дар боло зикргардида, дар факултети ҳуқуқшиносӣ якчанд конференсияҳо ва мизҳои мудаввар гузаронида шуд. Чунончи:

1. Конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзӯи «Муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: роҳҳо ва натиҷаҳои он» 7–уми декабри соли 2019 баргузор гардид.

2. Нақш ва мавқеи олимони ҳуқуқшиноси тоҷик дар ташаккули соҳаҳои мухталифи ҳуқуқ, илми муосири ҳуқуқшиносӣ, рушди қонунгузории кишвар ва ҳаёти ҷамъиятиву сиёсии давлат бениҳоят бузург мебошад. Бо ин назардошт, таърихи 2 марти соли равон семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Нақши олимони муосири тоҷик дар рушди илми ҳуқуқи конститутсионии ҶТ» бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ баргузор гардид.

3. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Инкишофи низоми давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ» 20-уми майи 2018 баргузор гардид.

4. Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои муҳимми ҳуқуқи граждани дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" 8-уми июни соли 2019 баргузор гардид.

5. Конференсияи илмӣ-амалии донишгоҳӣ дар мавзӯи "Рушди падидаҳои адолати судӣ ва назорати прокурорӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатии ҶТ" санаи 15-уми майи соли 2019 баргузор гардид.

6. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ таҳти унвони "Рушди илми ҳуқуқ дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон" дар иртибот бо 80-

солагии академик Фозил Тоҳиров бо ибтикори факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар якҷоягӣ бо Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таърихи 21-уми июни соли 2019 баргузор гардид.

7. Мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Истиқлолияти давлатӣ омили муҳимми таҳкими давлатдории миллӣ" 5-уми сентябри соли 2019 баргузор гардид.

8. Конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

9. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ» дар заминаи кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

10. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Проблемаҳои муосири ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

11. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои инкишофи илми ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

12. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи гражданӣ ва оилавӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

13. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ ва сайёҳӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

14. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Проблемаҳои назариявӣ ва амалии ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи замин, ҳуқуқи кишоварзӣ ва ҳуқуқи экологӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

15. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи мурофиавӣ, ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

16. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

17. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Масъалаҳои мубрами криминалистика, фаъолияти оперативӣ - ҷустуҷӯӣ ва экспертизаи судӣ» дар заминаи кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

18. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Проблемаҳои муосири ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ» дар заминаи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

19. Мизи мудаввар дар мавзӯи: «Забоншиносии ҳуқуқӣ ва масоили тарҷумаи ҳуқуқӣ» дар заминаи кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ 30-юми октябри соли 2019 баргузор гардид.

20. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ» кори худро аз 20-ум то 27-уми апрели соли 2019 идома дод. Мувофиқи барнома дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар 11 бахш аз 172 маърӯзаи аз тарафи устодону кормандон пешниҳод шуда, 150 маърӯза мутобиқи нақша 12 маърӯзаи иловагӣ шунида шуд. Бо сабабҳои узрнок 2 нафар устодон ва ду докторантони PhD дар кори конференсия иштирок накарданд.

Дар муқоиса бо соли гузашта дар 11 бахш аз 150 маърӯзаи аз тарафи устодон пешниҳод шуда, 145 маърӯза тибқи барнома ва 12 маърӯзаи иловагӣ шунида шуда буд. Бо сабабҳои гуногун 5 нафар устодон дар кори конференсия иштирок накарданд.

Дар конференсияи имсола масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқӣ, ба монандӣ: Масоили таҳқиқоти илмӣ ва афзалиятҳои он аз нигоҳи ҳуқуқшиносони тоҷик, асосҳои ҳуқуқии ҳимояи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷанбаҳои таърихии қабули Конститутсияи ҶТ, баъзе масъалаҳои ҳуқуқи граждании дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018-2028, доир ба зарурати қабули Кодекси соҳибкории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баъзе аз масъалаҳои актуалии такмили қонунгузорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, иштироки прокурор дар муҳокимаи судии парвандаҳои ҷиноятӣ, таълимоти Саъдии Шерозӣ оид ба ҳуқуқи инсон, масъалаҳои назариявии танзими ҳуқуқии моликияти созмонҳои байналмилалӣ, гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар мавриди тафтиши ҷинояти одамрабоӣ, муқаррароти умумӣ оид ба санксияҳои ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолгардонии дарки донишҷӯён дар раванди таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ ва ғайраҳо баррасӣ карда шудаанд.

Асосан аз маърӯзаҳои устодони факултет бар меояд, ки мақсади гузаронидани конференсияи илмӣ-назариявӣ ин баррасӣ намудани ҷиҳатҳои актуалӣ ва ҳалли муаммоҳои ҳалталаби соҳаҳои ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон аз маърӯзаҳои устодони факултет бармеояд, ки мундариҷаи конференсия ба нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва барномаи конференсия мувофиқат дошт.

Хурсандибахш аст, ки зиёда аз 130 устодони факултети ҳуқуқшиносӣ фишурдаҳои маърӯзаҳои худро омода намуда, барои чоп намудан дар Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ» пешниҳод намуданд, ки ба нашр расид.

Дар соли равон ҷиҳати баланд бардоштани савияи касбии устодон фаъолияти семинарҳои илмӣ-назариявии устодони ҷавонони кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷоннок карда шуд:

1. Семинари илмӣ–назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ дар мавзӯи «Проблемаҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва хусусӣ дар ҶТ» санаи 29-уми декабри соли 2018 баргузор гардид.

2. Бо ташаббуси садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҳар охири моҳ семинари илмии олимони ҷавони факултет баргузор мегардад. Ин иқдоми пешакардаи садорати факултети ҳуқуқшиносӣ судманд буда, барои инкишофи малакаю дониши устодони ҷавон мусоидат хоҳад кард. Дар ин замина, санаи 28-уми феврали соли равон семинари илмӣ-назариявии омӯзгорони ҷавони кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ бо иштироки доираи васеи омӯзгорон ва мудирони кафедраҳо баргузор гардид.

3. Семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи нақлиёт» 30-юми марти соли 2019 баргузор гардид.

4. Семинари илмӣ-назариявии устодони кафедраи забонҳои хориҷӣ санаи 13-уми апрели соли 2019 баргузор гардид.

5. Семинари илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи гражданӣ таҳти унвони “Масъалаҳои асосии забони тоҷикӣ дар танзими ҳуқуқи гражданӣ” 5-уми октябри соли 2019 баргузор гардид.

6. Семинари илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ таҳти унвони “25-соли Конститутсияи ҶТ: тамоюли инкишоф ва амалишавии он” 16-уми ноябри соли 2019 баргузор мегардад.

7. Семинари илмӣ-назариявии кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ таҳти унвони “Проблемаҳои қонунгузории фаъолияти экспертизаи судӣ” 24-уми ноябри соли 2019 баргузор мегардад.

Ҳамин тариқ, дар давоми соли ҳисоботӣ дар факултет 1 конференсияи байналмилалӣ, 5 конференсияи ҷумҳуриявӣ, 1 конференсияи донишгоҳӣ, 12 мизи мудаввари ҷумҳуриявӣ ва 8 семинарҳои илмӣ-назариявӣ баргузор гардидааст. Барои муқоиса, дар факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2019 -27, 2018 –25; 2017 –20; 2016 –12; 2015 –14 ва 2014 –19 ҳамоиши илмӣ баргузор гардидааст.

Дар соли ҷорӣ ҷиҳати баргузории панҷумин Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзгорони факултет фаъолона ширкат намуданд. Аз ҷумла, 45 омӯзгор дар таҳия намудани мавзӯъҳои баррасишаванда ва 20 нафар дар Форуми миллӣ, ки 1–уми ноябри соли 2019 баргузор гардид, иштирок намуда, андешаҳои худро

перомуни мавзӯъҳои мубрами баррасишаванда баён намуданд. Маводҳои Форуми II–юми ҳуқуқшиносони ҷавон аз ҷониби факултети ҳуқуқшиносии ДМТ нашр гардид.

Ғайр аз ин омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ иштирок намуда, дар мавзӯъҳои гуногун баромад карданд. Аз ҷумла д.и.ҳ., профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Азиззода У.А. дар конференсияи байналмилалии илмӣ–амалӣ дар мавзӯи «Судебная правовая политика» санаи 17-18–уми майи соли 2019, ки дар шаҳри Санкт-Петербург баргузор гардид, дар мавзӯи «Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан», ҳамчунин дар конференсияи мазкур д.и.ҳ., профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Диноршоҳ А.М. дар мавзӯи «Судебная власть в системе разделения властей в Республике Таджикистан» иштирок ва баромад намуданд. Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Имомов А. дар таҷрибаи омӯзиши фанни “Вазъи ҳуқуқии ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон” – дар семинари байналмилалӣ оид ба омӯзиши фанни ҳуқуқи ғайритиҷоратӣ, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон рӯзҳои 30-юми сентябр – 1-уми октябри соли 2019 дар ш. Алмаато баргузор гардид, иштирок ва баромад намуданд ва дар ин хусус ба эшон Сертификат супорида шуд. Дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ Маърифхонов Расул дар Конференсияи V байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами рушди давлатдорӣ ва ҳуқуқи давлатӣ», ки дар ш. Санкт-Петербурги Федератсияи Русия баргузор гардид, иштирок ва баромад намуданд. Дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ Абдуллоев П.С. дар конференсияи илмӣ дар мавзӯи «Природа Российского уголовного процесса и принцип состязательности: к 125-летию со дня рождения М.С. Строговича» санаи 24-25–уми октябри соли 2019, ки дар Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов баргузор гардид, бо мавзӯи «Состязательное начало и международное сотрудничество в сфере уголовного процесса на примере постсоветских стран» иштирок намуданд.

Бо мақсади ба амал баровардани ҳамкориҳои дуҷониба факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои илмию таҳқиқотии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ алоқаи устувори илмиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, имрӯз факултети ҳуқуқшиносӣ бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Комиссияи интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов, Донишгоҳи давлатии дустии халқҳои Федератсияи Россия, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқи Москва ба номи О. Е. Кутафин, Донишгоҳи давлатии Санкт–Петербург, Мактаби олии иқтисодии шаҳри Москва, Донишгоҳи

миллии Қазоқистон, Донишгоҳи Бремен (Олмон), Донишгоҳи миллии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагина ва ғайра муносибати хуби илмиро доро мебошад.

Натиҷаи ин ҳамкориҳост, ки ҷиҳати амали намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ як қатор омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба аспирантура ва дифоъ намудани рисолаҳои илмӣ ба донишгоҳҳои Федератсияи Россия (Давлатов Диловар, Наимов Бобоҷон ва Носирзода Муҳаммад) ва ғайра сафарбар карда шудаанд.

Самаранокии корҳои илмӣ-таҳқиқотии факултети ҳуқуқшиносиро иштироки фаъолонаи омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ ва донишгоҳӣ нишон медиҳад. Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултет дар конференсияҳои байналмилалӣ 230 (соли 2018-111, соли 2017 – 60, соли 2016 –54, соли 2015 –50, соли 2014–44,), ҷумҳуриявӣ 240 (соли 2018-210, соли 2017– 120, соли 2016 –110, соли 2015 –102, соли 2014–96) ва умумидонишгоҳӣ 120 (соли 2018-119, соли 2017–18, соли 2016–16 соли 2015–14, соли 2014–12) баромад кардаанд.

Дигар аз самтҳои фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии омӯзгорони факултетро аспирантура ташкил медиҳад. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ 27 (соли 208-40, соли 2017– 35, соли 2016 – 43, соли 2015 – 46, соли 2014 – 44, 2013 – 47) нафар аспирант таҳсил менамоянд, ки аз ин шумора 4 (соли 2018-7, соли 2017–17, соли 2016 – 14, соли 2015 – 12, 2014–13, 2013–16) нафар дар шуъбаи рӯзона ва 23 (соли 2018-33, соли 2017–18, соли 2016 – 29, соли 2015 – 34, 2014–32, 2013–31) нафари боқимондаро аспирантони шуъбаи ғоибона ташкил медиҳанд. Дар факултет 70 нафар унвонҷӯ таҳқиқотҳои илмӣ анҷом дода истодаанд. Ҳамзамон дар факултет 8 докторанти PhD таҳсил менамоянд.

Боиси хушнудист, ки дар нимаи аввали соли 2019 дар таърихи 25 январи соли 2019 мудири кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент **Сафарзода Анвар Ислом** дар мавзӯи «Ҳифзи ҳуқуқи ҷиноятии фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи доктории худро бо сарбаландӣ дифоъ намуд. Қайд намудан ба маврид аст, ки ин нахустин ҳимояи рисолаи докторӣ аз рӯи ихтисоси «Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ» (12.00.08) дар соли 2019 ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқшиносии тоҷик нақши боризро хоҳад гузошт. Санаи 22-юми феврали соли 2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ **Искандаров Шарафҷон Фахриддинович** дар мавзӯи «Ташаккул ва инкишофи ниҳодҳои махсусгардонидашудаи давлатӣ оид ба ҳимояи ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» ва унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ **Сидиқов Дилшод Аҳрорович** дар мавзӯи «Амалишавии шартномаҳои байналхалқӣ дар соҳаи моликияти зеҳнӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар мисоли ТРИПС» рисолаҳои номзадии худро дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сарбаландона дифоъ намуданд. Санаи 5 марти соли 2019 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ **Гадоев Бурҳонидин Саймудинович** дар мавзӯи «Тамоюлоти инкишофи шаклҳои олии демократияи бевосита дар ҶТ: таҳқиқи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ»

дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ рисолаи докториашро сарбаландона дифоъ намуд. Санаи 15-уми марти соли 2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ **Соҳибов Муҳаммадҷон Маҳмадалиевич** рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъйиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сарбаландона дифоъ намуданд. Санаи 28-уми марти соли 2019 ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ **Шарифзода Саъдӣ Шариф** дар мавзӯи «Шаклҳои амалишавии функсияҳои давлати Тоҷикистон дар марҳилаи муосир» ва ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ **Раҷабов Компон Давлатович** дар мавзӯи «Масъалаҳои ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии мубориза бар зидди тамаъҷӯӣ» рисолаҳои илмиашонро дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сарбаландона ҳимоя карданд. Таърихи 12-уми апрели соли 2019 ассистенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ **Ибрагимов Далер Қаюмович** дар мавзӯи «Функсияи иттилоотии давлат ва амалӣ намудани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назария ва амалия» рисолаи илмиашро дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бомуваффақият ҳимоя кард. Санаи 12-уми апрели соли 2019 унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия **Саидзода Шоҳин Нуриддин** дар мавзӯи «Мукаммалсозии қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои қочоқ» рисолаи илмиашро дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бомуваффақият ҳимоя намуд. Таърихи 25-уми апрели соли 2019 номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ **Қурбонов Қобилҷон Шарифбоевич** рисолаи докториашро дар мавзӯи «Бовиҷдонӣ дар ҳуқуқи гражданӣ» дар Шӯрои диссертатсионии миллии назди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ сарбаландона дифоъ кард. Санаи 1-уми октябри соли 2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи гражданӣ **Бобохонов Ҳамза Зиёратшоевич** рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Гражданско-правовые проблемы государственной закупки товаров по законодательству Республики Таджикистан» ҳимоя намуд. Санаи 15-уми октябри соли 2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ **Саломов Исроил Исматуллоевич** дар мавзӯи «Проблемаҳои падидаи қайду шарт дар бораи тартиби оммавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» рисолаи номзадиашро ҳимоя намуд. Санаи 29-уми октябри соли 2019 муаллими калони кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ **Раҳмон Далер Сафарбек** рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан» бомуваффақият ҳимоя кард. Санаи 12-уми ноябри соли 2019 ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат **Саъдиев Исмоил Зарифович** рисолаи номзадиашро дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии муносибатҳои соҳибкорӣ дар соҳаи иктишоф ва истихроҷи нафт ва газ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳимоя кард. Аҳамияти Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА–002 барои дарёфти дараҷаи илмии

доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ ва 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳимояи рисолаҳои мазкур беандоза мебошад, зеро нафарони зикргардида маҳз дар ин Шӯро рисолаҳои илмии худро сарбаландона дифоъ намуданд. Боиси хушнудист, ки дар баробари ҳимояи рисолаҳои номзадӣ, инчунин рисолаҳои докторӣ низ саривақт ҳимоя гардида, нуфуз ва манзалати факултети ҳуқуқшиносиро боз ҳам баланд мебардоранд.

Ҳамзамон устодони факултет дар тайёр намудани кадрҳои унвондори соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он саҳми арзанда доранд. Чунончи: **Ҳафиззода Шодӣ Хуршед** дар мавзӯи «Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сотиволдиев Р.Ш. санаи 18-уми январи соли 2019, **Бойматова Дилобар Пулотовна** дар мавзӯи «Правовое регулирование рыночных отношений в Республике Таджикистан: общетеоретический аспект» аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Сотиволдиев Р.Ш. санаи 19-уми апрели соли 2019, **Абдуллоева Дилором Файзуллоевна** дар мавзӯи «Конституционно - правовые основы организации и деятельности областных Маджлисов народных депутатов в Республике Таджикистан Функсияи ҳифзи ҳуқуқии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.02. – ҳуқуқи конститутсионӣ; мурофиаи судии конститутсионӣ; ҳуқуқи мунитсипалӣ зери роҳбарии н.и.ҳ. дотсент Имомов А.И. санаи 19-уми апрели соли 2019, **Табаров Неъмон Амонович** дар мавзӯи «Гражданско-правовое регулирование предоставления исключительных прав по договору коммерческой коцессии» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З. 5-уми апрели соли 2019, **Меликов Умрилло Асадуллоевич** рисолаи докториашро дар мавзӯи «Правовой режим объектов гражданских прав в интернете» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ зери роҳбарии д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З. 5-уми апрели соли 2019 ҳимоя намуданд.

Зиёда аз ин дар Шӯрои дифое, ки дар заминаи факултети ҳуқуқшиносӣ таъсис дода шудааст нафарони зиёде рисолаҳои номзадии худро ҳимоя намуданд.

Боиси тазаккур аст, ки дар соли равон ба Шӯрои дифоъ зиёда аз 3 рисолаи докторӣ ва 7 рисолаи номзадӣ пешниҳод гардидаанд, ки онҳо аз ташхиси экспертӣ гузаштаанд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА–002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо талошҳои беандозаи садорати факултет аз 27 апрели соли 2017, №15 таъсис ёфт. Таъсиси Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА–002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ дар назди ДМТ яке аз арзишмандтарин дастоварди донишгоҳ дар замони соҳибихтиёрии давлатӣ маҳсуб ёфта, аз сиёсати созандаву маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Минбаъд бидуни ягон маҳдудият кулли аспирантон, унвонҷӯён, муҳаққиқон ва докторантон метавонанд дар Шӯро аз рӯйи се самт рисолаҳои докторӣ ва 11 самт рисолаҳои номзадӣ дифоъ менамуданд. Дар ду соли фаъолияти Шӯрои диссертатсионии миллӣ 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ ва 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ 38 рисолаи илмӣ дифоъ шуд, ки аз он 6 рисолаи докторӣ ва 32 рисолаи номзадӣ мебошанд. Аз 38 рисолаи дифошуда – 17 рисола аз ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ); – 3 рисола аз ихтисоси 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, ҳуқуқи мунисипалӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ); – 12 рисола аз ихтисоси 12.00.03- ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ); – 5 рисола аз ихтисоси 12.00.08- ҳуқуқи ҷиноӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ); – 1 рисола аз ихтисоси 12.00.14- ҳуқуқи маъмурӣ, мурофиаи маъмурӣ (ҳимояи рисолаҳои номзадӣ) дифоъ шудаанд.

Аз теъдоди нишондодашуда 20 нафар кормандони доимии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 15 нафар унвонҷӯ ва аспирантони дигар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ (Пажуҳишгоҳи фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи АИ ҶТ – 7 нафар, Донишгоҳи Русияву Тоҷикистон (Славянӣ) - 2 нафар, Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон - 2 нафар, Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон - 1 нафар, Донишгоҳи давлатии Қирғизистон ба номи Ж. Баласагин – 1 нафар, Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Н.Хусрав - 1 нафар, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – 1 нафар) ва 3 нафар унвонҷӯи ДМТ, ки дар мақомоти давлатӣ кор мекунанд, мебошанд.

Чунин дастовардҳои илмиро ба назар гирифта, бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 июни соли 2019, №133 фаъолияти Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисосҳои 6D030100 – Ҳуқуқшиносӣ, 6D030200 – Ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти таҷдиди ҳайат ва ихтисосҳо тамдид карда шуд. Айни ҳол дар ҳайати Шӯро 17 нафар докторони илм аъзо буда, аз ихтисосҳои 12.00.01 –

назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат; 12.00.02 – ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, ҳуқуқи мунисипалӣ; 12.00.03- ҳуқуқи граждании; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ рисолаҳои илмиро қабул ва баррасӣ менамояд. Раиси Шӯрои дифоъ д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ А.М. таъин гардидааст.

Боиси зикр аст, ки ҳуҷҷатҳо ҷиҳати таъсис додани Шӯрои диссертатсионӣ барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D030300 – Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ омода карда шуда, ба Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шудаанд. Ва айни ҳол он дар ҷараёни баррасии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Ҳамин тариқ, дар соли сипаригардида 15 рисолаи номзадӣ ва 4 рисолаи докторӣ аз ҷониби омӯзгорон ва унвонҷӯёни факултет ва зери роҳбарии омӯзгорони факултет ҳимоя гардиданд. Умуман дар факултети ҳуқуқшиносӣ 89 нафар омӯзгорони унвони илмӣ дошта фаъолият мекунанд, ки ин 55,6%–ро ташкил медиҳад. Агар мо ба панҷ соли охири фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ (2018,2017, 2016, 2015) назар афканем шумораи умумии омӯзгорон, аспирантон ва унвонҷӯён, ки дифоъ кардаанд 63 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 12 нафар рисолаи докторӣ ва 51 нафар рисолаи номзадӣ дифоъ кардаанд. Дар солҳои истиқлолият 18-рисолаи докторӣ ва 139 рисолаи номзадӣ дар маҷмӯъ 157 рисола ҳимоя карда шудааст.

Дар соли ҳисоботӣ омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ дар 250 барномаҳои телевизионӣ ва радиоӣ вобаста ба масъалаҳои гуногун бахшида ба рӯзи Артиши миллӣ, 22 солагии рӯзи Ваҳдати миллӣ, 28–умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 25–умин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷлили рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра дар телевизиони давлатии Сафина, Шабакаи аввал, Ҷаҳоннамо, Баҳористон, Радиои Ховар, Радиои Тоҷикистон, Садои Душанбе ва ғайра баромад ва суҳбатҳо намуданд.

Инчунин, зиёда аз 150 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар барномаи телевизионии шабакаҳои Тоҷикистон, Сафина, Баҳористон ва ғ. ба ифтихори “Рӯзи Конститутсияи ҶТ” мусоҳиба анҷом доданд. Ҳамчунин 10 нафар устоди факултет дар радиои Тоҷикистон иштирокчии мусоҳиба буданд. Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ зиёда аз 50 нафар устоди факултет беш аз 110 мусоҳибаҳои телевизионӣ анҷом додаанд.

**2. Қисми I**

Соли 2019 марҳилаи 4-уми нақшаи корҳои илмӣ–таҳқиқотии солҳои 2018–2019 ба шумор рафта, корҳои илмӣ дар 11 кафедра аз рӯи 7 самт, 12 масоил ва 12 мавзӯъ мавриди баррасӣ қарор дода шуданд. Равандҳои илмии фаъолияти илмӣ–таҳқиқотии факултети ҳуқуқшиносӣ чунинанд:

**I. Самтҳо:**

– Қонуниятҳои умумии инкишофи ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар шароити ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо, хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ;

– Масъалаҳои асосии предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ;

– Дурнамои инкишофи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва меҳнат;

– Масъалаҳои мубрами падидаҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

– Масоили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Танзими ҳуқуқии рушд ва инкишофи ҳуқуқи нақлиёт, ҳуқуқи экологӣ, ҳуқуқи кишоварзӣ, ҳуқуқи замин ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ;

– Усули сохторию низомӣ дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ дар чаҳорчӯбаи таҳсилоти рушд кардаистода;

**1.1. Масоилҳо:**

– Проблемаҳои таърихӣ–назариявии давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ;

– Рушди падидаҳои конститутсионализм ва давлатдории миллӣ, равандҳои демократӣ, таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, такмили қонунгузорӣ дар таъмини амалисозии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Масъалаҳои асосии предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ;

– Проблемаҳои назариявии ҳуқуқи байналхалқии хусусӣ;

– Проблемаҳои назариявии ҳуқуқи байналхалқии оммавӣ;

– Коркарди масоили мубрами назария, таҳияи тавсияҳои илмӣ ҷиҳати инкишофи қонунгузорӣ, рушди сохтор ва фаъолият оид ба анҷом додани адолати судӣ, назорати прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва пешниҳоди роҳҳои пешгирӣ намудан ва аз байн бурдани он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Рушд ва инкишофи танзими хусусӣ–ҳуқуқӣ ва оммавӣ–ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт, кишоварзӣ, экологӣ ва замин, инчунин амалия ва назарияи онҳо;

– Сиёсати ҳуқуқии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир;

– Проблемаҳои назариявӣ ва амалии таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳуриии Тоҷикистон;

– Танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ;

– Проблемаи методикаи тафтиши ҷиноятҳо муқобили озодӣ;

– Таъсири байниҳамдигарии зеҳнӣ ва низоми забон дар фаъолияти фикрии нутқи донишҷӯён дар шароити дузабонӣ.

**1.1.1. Мавзӯъ ва роҳбари илмӣ:**

1. Заминаҳои таърихӣ–тамаддунӣ, ҳолати кунунӣ ва дурнамои рушди ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистон бо дарназардошти ҳимояи

манфиатҳои миллӣ, муқовимат ба таҳдидҳову хатарҳои глобалӣ (роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., академик Тоҳиров Ф.Т. ва д.и.ҳ., профессор Сотиволдиев Р.Ш). Таҳқиқи таърихӣ–назариявии ташаккулу инкишофи давлат ва ҳуқуқ дар сарзамини таърихӣ ва муосири тоҷикон, вазъи кунунӣ, самтҳо ва дурнамои инкишофи ҳаёти давлатию ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол бо дарназардошти ҳимояи манфиатҳои миллӣ. Нашри мақолаҳо, монографияҳои илмӣ, китобхои дарсӣ, васоити таълимӣ, анҷоми бандҳо ва бобҳои дахлдори диссертатсияҳои номзадиву докторӣ, омода намудани конфронсҳои илмию амалӣ, баромадҳо дар конфронсҳо.

2. Инъикоси сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ: проблемаҳои назариявӣ ва амалия (роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., дотсент Сафарзода А.И.). Дар ин марҳала баррасии проблемаҳои назариявӣ ва амалияи татбиқи қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, таҳлили ҳаматарафаи инъикоси сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ дар қонунгузории ҷиноятӣ ва иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва ба табъ расонидани монография мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

3. Масъалаҳои ҳуқуқӣ–конститутсионии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва такмили қонунгузорӣ (роҳбари илмӣ д.и.ҳ., профессор Диноршоҳ А.М.). Дар соли ҷорӣ аз ҷониби омӯзгорони кафедра масоили такмили соҳибхтиёрии халқ, давлат ва шаклҳои таҷассуми он; усулҳои асосии ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ; интихобот ва низоми он; вазъи ҳуқуқии вакилон ва намояндагони ҳокимияти давлатӣ; вазъи конститутсионӣ–ҳуқуқии инсон, шаҳрванд, мақомоти давлатӣ ва хидматчиёни он; асосҳои конститутсионӣ–хуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ мавриди таҳқиқ арзёбӣ мешаванд. Натиҷаҳои онҳо дар монографияҳо, китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ инъикос меёбанд. Ҳангоми гузаронидани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ аз фанҳои кафедра, аз ҷумла аз фанҳои тахассусӣ истифода карда мешаванд.

4. Такмилёбии предмети танзими ҳуқуқи граждании: проблемаҳои назариявӣ ва амалия (роҳбари илмӣ: д.и.ҳ., профессор Ғаюров Ш.К.) марҳилаи якуми корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи гражданӣ мебошад. Бо инкишофёбии вазъи инсон дар ҳама соҳаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, амалӣ шудани арзишҳои давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ ва дунявӣ талабот ба танзими ҳуқуқи гражданӣ зиёд мегардад. Сухан оид ба васеъшавии предмети танзими ҳуқуқи гражданӣ меравад. Бинобар ин, зарурати таҳрири нави КГ ба миён омад. Дар чунин ҳолат, яке аз вазифаҳои мутахассисони ин соҳа дар он аст, ки падидаҳои навро (иттилоот, ҳуқуқ ба ҳаёти хусусӣ, ҳуқуқ ба истифодаи қитъаи замин, об ва ғайраро) мавриди таҳқиқ қарор дода, донишҳои мавҷударо таҷдиди назар намуда, барои такмили таълимоти соҳавӣ ва инкишофи қонунгузории ҶТ таклифҳои судманд намоянд. Ҳамчун натиҷа хулосаҳои ташхисӣ, мақолаҳои илмӣ, монографияҳо ва дигар асарҳо ба табъ расонида мешаванд.

5. Масъалаҳои муносибкунии танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши соҳибкорӣ (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Сангинов Д.Ш.).

Омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат дар ин марҳила таҳқиқи масоили марбут ба назария ва амалияи танзими шартномавӣ ва иҷрои уҳдадориҳо дар бахши соҳибкорӣ ва дар ин замина кор карда баромадани хулосаҳои асосноки илмӣ, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузориро мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор доданд.

6. Муаммоҳои такмили назария ва амалияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, омӯзиши ҷинояткорӣ ва коркарди роҳҳои пешгирии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Маҳмудов И.Т.). Дар ин марҳила дар заминаи омӯзиши назарияҳои илмӣ, таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ мусоидат намудан ба инкишофи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқи мурофиавии гражданӣ, мурофиа дар судҳои иқтисодӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ, ҳуқуқи судӣ, ёрии ҳуқуқӣ ва адвокатура дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба даст овардани хулосаҳои илман асоснок, дар асоси онҳо тавассути мақолаҳову рисолаҳо пешниҳод намудани назарияву таклифоти нав баҳри инкишофи ҳуқуқи мурофиавӣ, фаъолияти прокурорӣ, фаъолияти дигари ҳуқуқмуҳофизавӣ ва криминология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди тадқиқоти омӯзгорон қарор гирифт.

7. Масоили ҳуқуқии танзими коллизионии муносибатҳо бо унсури хориҷӣ (роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Раҷабов М.Н.). Яке аз асосҳои танзими муносибатҳо бо унсури хориҷӣ меъёри коллизионӣ мебошад. Таъйиноти асосии меъёрҳои коллизионӣ муайян кардани татбиқи низоми ҳуқуқӣ дар танзими муносибати ба вуқуъ омада мебошад. Вобаста ба инкишофи иқтисодиёт дар раванди ҷаҳонишавӣ, инкишофи соҳибкорӣ ва тиҷорати байналмилалӣ нақши меъёри коллизионӣ дар татбиқи ҳуқуқи миллӣ ва хориҷӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ меафзояд. Бо чунин назардошт омода намудани маводҳои илмӣ, ширкат дар конференсияҳои сатҳи гуногун ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузорӣ мавриди таҳқиқот қарор дода шуд.

8. Проблемаи танзими ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии субъектҳои ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ (роҳбари илмӣ н.и.ҳ., дотсент Идизода Ф.Ф.). Дар асоси омӯзиши адабиётҳои ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ муайян кардани омилҳои таърихӣ ва ҳуқуқии пайдоиши муносибатҳои дипломатӣ, нақши меъёрҳо ва одатҳои байналмилалӣ дар танзими муносибатҳои дипломатӣ, пайдоиши хизмати дипломатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, пайдоиш ва рушди дипломатияи тоҷик дар аҳди қадим, миёна ва замони нав, иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муносибатҳои дипломатии дуҷониба ва бисёрҷониба, дипломатияи пешгирикунанда, инчунин вазъи ҳуқуқии мақомотҳои давлатии татбиқкунандаи муносибатҳои ҳадафҳои таҳқиқот ба ҳисоб меравад. Натиҷаи таҳқиқот омода намудан ва нашр кардани мақолаҳои илмӣ, монография ва инчунин иштирок дар конференсияҳои сатҳи гуногун мебошад.

9. Проблемаҳои назариявии ташаккули низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир (роҳбари илмӣ д.и.ҳ., профессор Азиззода У.А). Дар натиҷаи таҳлили муқоисавии низомҳои ҳуқуқии амалкунандаи ҷаҳони муосир, омӯзиши таҷрибаи амалии пешқадам дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи инсон ба Ҳукумат, парлумон ва дигар мақомотҳои босалоҳияти кишвар таклифҳои илман асоснок пешниҳод мегардад.

10. Масъалаҳои назариявӣ ва ҳуқуқии танзими умумӣ ва хусусӣ–ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи нақлиёт, экологӣ, кишоварзӣ ва замин. (роҳбари илмӣ н.и.ҳ., дотсент Қурбонов Қ.Б.). Таҳқиқи проблемаҳои назариявӣ ва амалии танзими оммавӣ ва хусусӣ–ҳуқуқии муносибатҳо дар бахши нақлиёт, кишоварзӣ, экологӣ ва замин, инчунин дар ин замина коркарди хулосаҳои асосноки илмӣ, таклиф, пешниҳод ва тавсияҳои амалӣ ҷиҳати такмили минбаъдаи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Табъу нашри силсилаи мақолаҳои илмӣ, китоби дарсӣ, монография ва навиштани рисолаҳои илмӣ дар ин самтҳо.

11. Муосиргардонии таҳсилоти касбию самтӣ дар шароити низоми рейтингию кредитӣ (роҳбари илмӣ: н.и.ф., дотсент Назарова З.А.). Коркарди чораҳои ҳамаҷонибаи ташаккули назарияи умумии таълими забонҳои хориҷӣ бо дарназардошти фаъолияти тахассусӣ (касбӣ). Натиҷаҳо дар рафти дарсҳои амалӣ, ҳангоми навиштани диссертатсияҳо, коркардҳои илмӣ–методӣ, мақола, маърӯзаҳо дар конфронс ва семинарҳо истифода мешаванд.

12. Методикаи криминалистии тафтиши ҷиноятҳо муқобили озодӣ (Роҳбари илмӣ: н.и.ҳ., дотсент Назаров А.Қ.). Дар ин марҳила проблемаҳои инкишофи методикаи тафтиши ҷиноятҳо муқобили озодӣ, тактикаи гузаронидани амалҳои алоҳидаи тафтишотӣ, коркарди усулҳои муайян намудани ҳолатҳои алоҳидаи ҷиноят ва тайёр намудани монография мавриди таҳқиқот қарор дода шуданд.

**3. Қисми II**.

Нишондодҳои муҳимми инкишофи корҳои илмию таҳқиқотӣ дар ҷадвалҳо инъикос мегардад (Ҷадвалҳо замима мегарданд).

**4. Қисми III.**

Самаранокии корҳои илмию таҳқиқотии омӯзгорон.

Соли 2019 аз нигоҳи самарнокии корҳои илмию таҳқиқотии омӯзгорон, яке аз солҳои пурбарор ба ҳисоб меравад. Дар соли 2019 – 927 маводҳои чопӣ (соли 2018-807, соли 2017 – 634 соли 2016 – 617, соли 2015 – 663, соли 2014–650) ба нашр расонида шудааст. Аз ин шумора:

1. Монография – 56 (соли 2018-43 аз ин 2–тоаш дар хориҷа, (соли 2017 – 29–аз ин 3–тоаш дар хориҷа), (соли 2016 – 28–аз ин 3 – тоаш дар хориҷа), (соли 2015 – 24 – аз ин 2–тоаш дар хориҷа);

2. Китоби дарсӣ – 7 (соли 2018–8, соли 2017 –11, соли 2016 – 3, соли 2015 – 8);

3. Васоити таълимӣ – 32 (соли 2018–33, соли 2017 – 42, соли 2016 – 46, соли 2015 – 42);

4. Дастури таълимию методӣ – 18 (соли 2018–27, соли 2017 – 15, – соли 2016 – 22, соли 2015 – 41);

5. Фишурда – 114 (соли 2018–86, соли 2017– 26, соли 2016 – 37, соли 2015 – 7);

6. Мақолаи илмию – оммавӣ 700 (соли 2018–610, соли 2017 – 511, соли 2016 – 481, соли 2015 – 541).

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ тули солҳои 2015, 2016, 2017, 2018 ва 2019 зиёда аз **3648** маводҳои илмӣ ба табъ расиданд, ки онро **180** монография, **37** китоби дарсӣ, **195** воситаи таълимӣ, **123** дастури методӣ, **270** фишурда ва **2843** мақолаҳои илмию оммавӣ ташкил медиҳад.

Соли 2019 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 3 маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» (Правовая жизнь) таҳти № 1, № 2, № 3 ва нашри маҷаллаи илмӣ–амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» (Государствоведение и права человека) таҳти №1 ва 3 аз чоп баромаданд. Дар шумораҳои зикргардида мақолаи илмӣ, тафсир, тақриз, ёддоштҳои омӯзгорони факултет ва олимони барҷастаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Афғонистон, Эрон, Олмон, Украина, Беллоруссия ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба табъ расидаанд. Дар баробари ин **20** шумораи моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» дар соли 2019 аз чоп баромаданд, ки дар он мақолаҳои омӯзгорон, кормандони соҳаҳои гуногун, аспирантон ва донишҷӯёни факултет чоп карда шуданд.

Қобили зикр аст, ки маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» ба Шохиси илмии тақризшавандаи Россия аъзо буда, ба Феҳристи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Россия ва ба Феҳристи маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда шудааст.

Дар соли 2019 устодони кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолона дар додани хулоса ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ иштирок намуданд.

Аз ҷумла, хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаҳои «Кодекси маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки бо мактуби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.04.2018, №12462/26, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки бо мактуби Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4.06.2018, №1781, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро, ки бо мактуби муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.06.2018, №1826, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълими тарбияи фарзанд»-ро, ки бо мактуби Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.06.2018, таҳти №1839, лоиҳаи «Нақшаи миллии чорабиниҳо оид ба иҷрои қатъномаи № 1325 ва № 2122 Шӯрои амнияти Созмони Милали Муттаҳид»-ро, ки бо мактуби Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2018,

№32/10-123 барои додани экспертизаи ҳуқуқӣ пешниҳод шудааст, хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи Кодекси намунавии меҳнат барои давлатҳои иштирокчии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ)-ро, ки бо мактуби раиси Кумита оид ба таъмини асосҳои конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд ва қонуният аз 12.07.2018, №344-6.1/ОЭ-7.1 барои додани таклифу пешниҳодот ворид шудааст, инчунин хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ», хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ», хулоса ба Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси шаҳрсозии Ҷумҳурии Тоҷикистон», хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», хулоса ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», хулоса ба супориши Роҳбари дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 августи соли 2018№21/265 оид ба гузаронидани аттестатсия ва акредетатсия, хулоса ба супориши Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 октябри соли 2018, №35492(25-6), хулоса ба бандҳои 19-20 нақша чорабиниҳо аз 7 сентябри соли 2018, №24/10-383 оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат ҷиҳати фаъолияти иҷозатномадиҳӣ аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, хулоса ба лоиҳаи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 августи соли 2016, №737», хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи Қонуни ҶТ “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи Қонуни ҶТ “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти наширӣ ва полиграфӣ”, хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи Қонуни ҶТ “Дар бораи муҳоҷирати меҳнатӣ”, хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи Қонуни ҶТ “Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ”, хулосаи экспертизаи ҳуқуқӣ ба лоиҳаи «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2030» ва ғайра.

Профессор Ғаюров Ш.К. бо амри Президенти ҶТ аз 30-юми апрели соли 2019, таҳти № АП-1210, аъзои гурӯҳи кори оид ба таҳияи таҳрири нави Кодекси граждании ҶТ гардида, аз 10-уми июли соли 2019 инҷониб ҳар ҳафта рузи чоршанбе, соати 14-00 дар ҷаласаи гурӯҳи корӣ ГК иштирок мекунад. Ӯ ба лоиҳаи инноватсионӣ «Таҳия ва татбиқи маркази хизматрасонии молиявӣ дар заминаи ташкили системаи худкорӣ баҳисобгирии муҳосиби ХДФ». – Душанбе, 2018., 30. 01. 2019с. хулоса пешниҳод намудааст.

Дар соли ҳисоботӣ донишҷӯёни факултет аз ҷиҳати иштирок дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ натиҷаҳои дилхоҳ ба даст оварданд: Аз ҷумла миёни онҳо донишҷӯи курси 4–уми шуъбаи рӯзона Самандари Қаландар зери роҳбарии бевоситаи Абдуллоев П.С. ҷои аввалро дар Ҷоми Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овард.

Дар давраи ҳисоботӣ дар факултети ҳуқуқшиносӣ 12 маҳфилҳои илмӣ-назариявии назди кафедравӣ фаъолият карданд, ки зиёда аз 1400 нафар донишҷӯён аъзои ин маҳфилҳо ё дар кори он иштирок менамоянд мебошанд, ки нисбат ба солҳои (соли 2012 – 436 нафар донишҷӯ, соли 2013 –750 нафар донишҷӯ, соли 2014–900 нафар донишҷӯ, соли 2015 – 950 нафар донишҷӯ, 2016 – 1000 нафар донишҷӯ, 2017-1100, 2018-1300 нафар донишҷӯ) зиёд мебошанд.

Дар маҷмӯъ 272 (соли 2015 – 172, соли 2016 – 210, соли 2017 – 230, соли 2018-270) маҳфили илмии донишҷуён гузаронида шуд, ки дар он масъалаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ ва забонҳои хориҷӣ баррасӣ гардиданд. Дар факултет аз ҷониби 5 нафар омӯзгорони соҳибтаҷриба 30 маҳфилҳои инфиродии устодон, аз ҷумла маҳфили инфиродии профессорон Сотиволдиев Р.Ш., Ғаюров Ш.К., Холиқзода А.Ғ., дотсентон Сафарзода А.И. ва Бозоров Р.Б. гузаронида шуданд, ки дар он беш аз 160 нафар магистрон ва донишҷӯён иштирок намуда, масъалаҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносиро мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати донишҷӯёни ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва «400-солагии Миробид Саййидои Насафӣ» мебошад. Мувофиқи барнома дар 11 бахш 308 маърӯзаҳои донишҷӯён пешбинӣ шуда буд, ки аз ин 305 марӯъзаи донишчуён шунида шуд. Имсол бо сабабҳои узрноку ғайриузрнок тибқи барнома 3 нафар донишҷӯён дар конференсия иштирок надоштанд. Берун аз нақшаи барнома 80 нафар дар конференсия маърӯза карданд. Дар муқоиса ба соли гузашта дар 11 бахш 251 маърӯзаҳои донишҷӯён пешбинӣ шуда буд, ки аз ин 249 марӯъзаи донишҷуён шунида шуда, бо сабабҳои узрноку ғайриузрнок тибқи барнома 2 нафар донишҷӯён дар конференсия иштирок надоштанд. Берун аз нақша 74 нафар дар конференсия маърӯза карда буданд.

Аз маърӯзаҳои донишҷӯён бар меояд, ки мақсади конференсияи илмӣ-назариявӣ ин кушодан ва баррасӣ намудани ҷиҳатҳои актуалӣ ва масъалаву муаммоҳои ҳалталаби соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Дар конференсия донишҷӯён бо се забон тоҷикӣ, русӣ, англисӣ баромад намуданд. Дар ҷараёни конференсия аз воситаҳои технологию иртиботӣ ва воситаҳои айёнӣ ба таври васеъ истифода карда шуд. Дар сатҳи баланд баргузор гардидани Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - назариявии ҳайати донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ин самараи фаъолияти бо низом ва мунтазами маҳфилҳои илмии назди кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб меравад, ки дар як моҳ ҳар як маҳфил аз 2 то 4 ҷаласаҳои худро баргузор мекунанд.

Яке аз навгониҳои ҳафтаи илм дар соли равон ин ташкил гардидани бахши магистратураи ҳуқуқшиносӣ мебошад. Мувофиқи барнома 60 нафар магистрон маърӯзаҳои худро пешниҳод намуданд. Дар

давоми рӯзҳои 22-24-уми апрели соли 2019 мутобиқи барнома ба магистрон имконият дода шуд, ки дар китобхонаи илмии факултет маърӯзаҳои худро баромад намоянд.

Бояд қайд намуд, ки конференсияи имсола дар сатҳи хеле хуб гузаронида шуд. Пешкаши мавзӯъҳо тариқи слайд бо воситаи тахтаҳои электронӣ яке аз пешравиҳо дар кори конференсияи имсола ба ҳисоб меравад.

Аз таклифу пешниҳодҳои дар боло зикргардида маълум мегардад, ки олимони факултет пайваста дар пайи омӯзиш ва таҳқиқот қарор доранд ва ин боиси пешрафти илми ҳуқуқшиносӣ ва ҳам такмили қонунгузорӣ мегардад. Рафти иҷроиши барномаи конференсияи имсола таҳти назорати бевоситаи декани факултет, дотсент Раҳмон Д.С. ва муовини декани факултети ҳуқуқшиносӣ оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ, дотсент Абдуллоев П.С. қарор дошт.

Бо мақсади дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии аъзоёни маҳфилҳои назди кафедравии Ҷамъияти илмии донишҷӯён дар соли 2018–2019 240 мақолаҳои донишҷӯёни лаёқатманд ва фаъоли факултет, ки фарогирандаи масъалаҳои муҳимми ҷамъиятиву ҳуқуқӣ ва давлатию сиёсӣ буданд дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш» ва моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» ва ғ. ба табъ расидаанд.

Омӯзгорони факултет дар ҳимояи рисолаҳои доктoриву номзадӣ, китобҳои дарсиву васоити таълимии дохиливу хориҷӣ тақризҳо навиштанд.

Бояд зикр намуд, ки иштироки фаъоли устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар ташвиқу тарғиби муҳимтарин маъракаи сиёсӣ – Интихобот-2020 – хуб намудор аст.

Пешрафт ва тараққиёти ҷомеа, эътироф гардидани усулҳои демократӣ аз ҳар як давлати муосир талаб мекунад, ки роҳҳои нав ба нави ҷалби шаҳрвандонро ба идоракунии давлатӣ ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ пиёдаандозӣ намоянд. Зеро ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ ва амалисозии ҳокимияти давлатӣ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ имкон медиҳад ба арсаи сиёсат чеҳраҳои гуногун ва сиёсатмадорони пуртаҷриба оварда шуда, гуногунақидагии кул таъмин карда шавад. Ин ҳолат агар аз як тараф ба арсаи сиёсат шахсони пуртаҷрибаро орад, аз тарафи дигар имкон медиҳад пурмаҳсулии идоракунии давлатӣ, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва ғайраҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор дода шавад.

Дар шароити ҳозира роҳҳои гуногуни ҷалби шаҳрвандон ба идоракунии давлатӣ ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ фарқ карда мешавад. Аз қабили раъйпурсӣ, интихобот, плебисит, муҳокимаи умумихалқӣ, роҳпаймоиҳои осоишта ва ғайраҳо. Ҳар яке аз ин чорабиниҳои сиёсӣ дар раванди идоракунии давлатӣ мавқеи ба худ хосро дошта, ба ҳаёти сиёсии давлатӣ ба таври мухталиф таъсир мерасонанд. Аз ин ҷо дар асоси таҳлилҳои боло мавқеи интихоботро ба таври алоҳида қайд кардан мумкин аст. Зеро интихобот бештар хислати фаъолро дошта, мафкураи сиёсии шаҳрвандонро инкишоф медиҳад ва

дар назди онҳо вазифаҳои гуногуни сиёсии пурмасъулро оид ба ташкили мақомоти олии интихоботӣ мегузорад.

Интихобот агар аз як тараф маъракаи муҳимми сиёсӣ бошад, аз тарафи дигар ҳисси масъулиятшиносиро дар ботини шаҳрвандон бедор намуда, бетарафии онҳоро нисбати ояндаи давлат барҳам мезанад. Аз ин хотир Конститутсияи аксар мамлакатҳои хориҷии дуру наздик бо ба инобат гирифтани ҳолатҳои дар боло қайд гардида, баҳри мустаҳкам намудани ҳуқуқи интихоботии шаҳрвандон низоми гуногуни интихоботиро муқаррар кардаанд, ки онҳо тартиби гуногуни овоздиҳӣ ва иштироки шаҳрвандонро дар интихоб ба танзим медароранд.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар ҳамкори бо Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маъракаҳои сиёсӣ, аз ҷумла интихоботи вакилони Маҷлиси намояндагон, интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, интихоботи вакили Ҷамоат фаъолиятро дорад.

607. **Саъдизода Ҷ.** Забон донӣ – ҷаҳон донӣ // Минбари ҳуқуқшинос (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). №9-10 (109-110), 23.05.2019 сол. – С. 2.

608. **Саъдизода Ҷ.** Мактаби илмии ҳуқуқи инсон дар даврони Истиқлолият // Минбари ҳуқуқшинос (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). №15-16 (115-116), 09.10.2019 сол. – С. 8-9.

609. **Сафарзода Н.Ф.** Ваҳдати миллӣ – иттиҳоду якдилӣ // Минбари ҳуқуқшинос. (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №11-12 (87-88), 26.06.2018. – С. 8-9. (Гирдоварии андешаи донишҷӯён вобаста ба Ваҳдати миллӣ).

610. **Сафарзода Н.Ф.** Конститутсия – дастоварди давлати соҳибистиқлол // Минбари ҳуқуқшинос. (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №19-20 (95-96), 05.11.2018. – С. 8-9. (Гирдоварии андешаи донишҷӯён вобаста ба Конститутсия).

611. **Сафарзода Н.Ф.** Президент – кафили истиқлолияти миллӣ ва бақои давлатдорӣ // Минбари ҳуқуқшинос. (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №21-22 (97-98), 24.11.2018 – С. 10-11. (Гирдоварии андешаи донишҷӯён вобаста ба Рӯзи Президент).

612. **Сафарзода Н.Ф.** Инкишофи низоми давлатию ҳуқуқии Тоҷикистон дар шароити хатарҳо ва таҳдидҳои нави глобалӣ // Минбари ҳуқуқшинос. (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №9-10 (109-110), 23.05.2019 – С. 3.

613. **Сафарзода Н.Ф.** Таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба ҷавонон // Минбари ҳуқуқшинос. (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ) №11-12 (111-112), 26.06.2019 – С. 10.

614. **Афзалӣ М.К**. Перевод произведенний Мирзо Турсунзаде как литературное наследие современности. //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ". ДДЗТ ба номи С.Улуғзода. -Душанбе, 2019. –С. 81-87.

615. **Афзалӣ М.К**. Переводческие трасформации при переводе текста художественного произведения. Паёми ДМТ, №1. –Душанбе, 2019. -С. 118-124.

616. **Афзалӣ М.К**., **Назарова З.А.** Преодоление межъязыковой интерференции в процессе перевода текстов документального стиля. //Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд», бахшида ба «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». –Душанбе, ТНУ, 2018. –С. 258 - 261

617. **Афзали М. К.**Язык как гуманистическая и нормативная ценность в системе социальной власти. //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.715

618. **Бобоева М.Т., Шарипова З.А.** Заимствования как объект языковой деятельности. // Маҷмӯаи илмии Паёми Осиё, №3. –Душанбе, 2019. –С. 51-57

619. **Бобоева М.Т.,Шарипова З.А.** Лингвистические особенности юридического перевода.//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.724

620. **Газиева Х.Х., Сафаров Ҳ.** Особенности перевода юридических терминов на примере французского языка.//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.720

621. **Газиева Х.Х.** Оид ба баъзе усулҳои таълими муколама бо забонҳои хориҷӣ // Маводи конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ, тарҷума ва усули таълими забонҳои хориҷӣ дар мактаби олӣ». – Душанбе, 2018. -саҳ.63-65.

622. **Газиева Х.Х.** О грамматических особенностях французского языка// Маҷмӯаи илмии Паёми Осиё, №3. –Душанбе, 2019. –С. 72-74.

623. **Газиева Х.Х.** Инкишофи малакаи муоширати расмии донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ// Маҷаллаи илмӣ-амалӣ "Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон" N3(11). – Душанбе, 2018. -С. 116 -121.

624. **Газиева Х.Х.** "Моҳият ва татбиқи усулҳои пешрафтаи фаъоли таълими мутақобила дар омӯзиши забонҳои хориҷӣ".// Маводи конференсияи илмӣ - амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи "Забон асоси ҳастӣ ва бақои умри миллат" бахшида ба солҳои 2019-2021 – "Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ". -Душанбе, ДДОТ ба номи С.Айнӣ, 2019. –С.158-163.

625. **Газиева Х.Х.** Особенности формирования навыков деловой коммуникации у студентов. // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021)» ва «400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». -Душанбе, ДМТ, 2019. -С.210

626. **Газиева Х.Х.** "Формирование и совершенствование занятий как основная форма учебно-воспитательного процесса". //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ - амалӣ дар мавзӯи "Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ". –Душанбе, ДДОТ, 2019. –С.42-45.

627. **Газиева Х.Х.** Юридическая тема на занятиях французского языка. Паёми Осиё (Маҷаллаи илмӣ, №3). –Душанбе, 2019. -С.70-72.

628. **Зайниддинов С.Ф.** "Супоридани шахс ба суди байналмилали ҷиноятӣ". Маҷаллаи илмӣ-амалӣ "Давлатшиносӣ ва ҳуқуқуи инсон" №1(13) ДМТ. -Душанбе , 2019. -С.114-120.

629. **Зайниддинов С.Ф.** Ҳуқуқи конститутсионӣ ва соҳаҳои ҳамҷавор. Маҷаллаи илмӣ-амалӣ "Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон" №1(13). -Душанбе, 2019. -С. 122-124.

630. **Зайниддинов С.Ф.** О реализации принципа свободной речи в условиях билингвизма.//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.729

631. **Назарова З.А.** Методологическое обучение – как один из факторов интеллектуализации и информатизации обществ.//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии

факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.711

632. **Назарова З.А., Афзалӣ М.К**. “Вопросы тестирования в преподавании иностранных языков (к проблеме тестирования единиц юридической терминологии)”. Паёми ДМТ, №1. –Душанбе, 2019. –С. 209-214

633. **Назарова З.А.** The pole of woman in social and political life of the state. Минбари ҳуқуқшинос №21-22 (97-98). –Душанбе, 2018.-С.7.

634. **Сафаров Х.С.** “Рӯзи Вадати миллӣ”. //Минбари ҳуқуқшинос 7(111-112). -Душанбе, ДМТ, 2019. -С.15

635. **Сафаров Ҳ.С.** “День защиты детей”.// Ба қуллаҳои дониш №10,(1456). – Душанбе, ДМТ, 2019. -С.9

636. **Шоинбеков О.** Особенности перевода юридических терминов. //Маҷмӯаи илмии Паёми Осиё, №3. –Душанбе, 2019. -С.66-69

637. **Шоинбеков О.** “Ролевые игры на уроках английского языка”. //Материалы республиканской научно-практической конференции на тему «Актуальные вопросы германской филологии и методики обучения иностранными языкам». –Душанбе, 2019. –С. 110-112.

638. **Шоинбеков О.** Способы перевода юридических терминологий.//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.733

639. Раҳмонзода Н.Д. Луғати фурсии Асадии Тусӣ ва нақши он дар рушди забони тоҷикӣ. // Паёми ДМТ (№4). –Душанбе, 2018. -С. 45-49.

640. Раҳмонзода Н.Д. Чанд сухан аз раванди таҳияи «Фарҳанги мукаммали забони тоҷикӣ». // Паёми ДМТ (№2). –Душанбе, 2018. -С. 135-138.

641. **Раҳмонзода Н.Д.** Нақши устод Айнӣ дар илми луғатнигории муосири тоҷик. //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019.-С.736

642. **Раҷабов М.Н**.Роль международных обычаев в правовом регулировании использования трансграничных вод//Государствоведение и права человека,№2(10),2018.-С.68-71.(на тадж. яз.)

643. **Раҷабов М.Н**.Шартномаи байналмилалӣ ҳамчун сарчашмаи асосии ҳуқуқи байналмилалии об ва танзими ҳуқуқии обҳои фаромарзӣ//Дар партави хуршеди Истиқлол. Маводҳои конференсияи илмию назириявӣ дар мавзӯи «Истиқлолият дастоварди бузурги миллати тоҷик» (Рашт,5 сентябри соли 2018)-Душанбе,2018.-С.96-108.

644. **Раджабов М.Н**. К вопросу о права международных организаций// Учен. зап. Казан. Ун-та,Сер. Гуманит. науки.-2018.-Т.160,кН.2.-С.340-357

645. **Раджабов М.Н**.Проблемы определении и квалификации коллизионных норм в международном частном праве//Государствоведение и права человека -№4(08),2017.-С.70-77.(на тадж. языке)

646. **РаджабовМ.Н.** Периодизации истории международного права //Государствоведение и права человека -№4(12),2018.-С.60-71. (на тадж. языке)

647. **Раҷабов М.Н**. Давлати сеюм//Энсиклопедияи миллии тоҷик.Ҷилди 5(Ғ-Дироя). Душанбе, 2017.-С.181.

648. **Раҷабов М.Н.** Давлати ҷангкунанда //Энсиклопедияи миллии тоҷик.Ҷилди 5(Ғ-Дироя). Душанбе, 2017.-С.183.

649. **Раҷабов М.Н.** Демилитаризатсия//Энсиклопедияи миллии тоҷик.Ҷилди 5(Ғ-Дироя). Душанбе, 2017.-С.484-485.

650. **Раджабов М.Н.** К вопросу о видах организацинно-прававых форм деятельности международных организаций в международном частном праве//Актуальные вопросы гражданского права в Республике таджикистан/Материалы республиканской научно- практической конференции от 8 июня 2019г.//Под редакцией Гаюрова Ш.К.-доктора юридических наук, профессора.-Душанбе: «Эр-граф»,2019-С.139-144.

651. **Раджабов М.Н.**Виды организацинно-прававых форм деятельности международных организаций в международном частном праве//Актуальные проблемы международного права и внешнеэкономической деятельности: материалы **X** междунар.науч.-практ.конф. преподователей и студентов (Владимир, 7-8 декабря 2018 г.)// М-во образования и науки Рос.Федерации, Владим.гос.ун-т им. Александра Григорьевича и Николая Григорьевича Столетовых, Юрид.ин-т; (редкол.: О.Д. Третьякова и др.). – Владимир: Издательство «Шерлок-пресс», 2019-С.124-129.

652. **Раджабов М.Н.** Роль международных организаций в процессе формирования современного международного права//Развитие юридической науки в современных условиях:теория и практика: материалы VI международной научно-практической конференций(Душанбе, 31 октября 2018г.).-Душанбе:РТСУ,2018.-С.206-208.

653. **Раджабов М.Н.** Категория «международное юридическое лицо» в юридическом науке //Государство и право. Москва. 2019. №8.С.73-79.

654. Раҷабов М.Н. Пойгоҳи илми ҳуқуқи байналмилалӣ //Минбари ҳуқуқшиносӣ №113-114 аз 20-уми сентябри соли 2019. С.8-9.

655. **Раҷабов М.Н.** Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии инсондӯстӣ дар низоми ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. –С.659-666.

656. **Кодиркулов** Х.Р. Особенности рассмотрения трудовых споров с участием иностранного государства// Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. №4/2018.-С.222-227.

657. **Кодиркулов Х.Р**. К вопросу о трудовой правосубъектности иностранцев в Республике Таджикистан // Материалы Международной научно-практической конференции «Образование и наука в XXI веке: современные тенденции и перспективы развития», посвященной «70-ой годовщине со дня образования Таджикского национального университета». Душанбе, 2018. С.314-317

658. **ҚодирқуловХ.Р**.Рушди идоракунии давлатӣ дар заминаи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030.// Ҳаёти ҳуқуқӣ - №4(24), 2018.-С.65-72.(ҳаммуалиф)

659. **Кодиркулов** Х.Р. К вопросу о предмете международного частного права// Вестник Таджикского национального Университета. Серия социально-экономических и общественных наук. №2/2019.-С.226-230.

660. **Қодирқулов Х.Р.** К вопросу о взаимодействии международного частного и трудового права в вопросах регулирования трансграничных трудовых отношений // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқи миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.666-670.

661. **Сулаймонов Ф.С** Предпринимательская деятельность находится под охраной уголовного закона. Рецензия на монографию **Сафарзода А.И.** «Уголовно-правовая охрана предпринимательской деятельности в Республике Таджикистан». – Душанбе: Изд.-во «Сино», 2018. – 416 с. // Маҷаллаи илмӣ-иттилотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» , №2 (22), 2018. Саҳ.214-223.

662. **Сулаймонов Ф.С** Мусодираи молу мулк: мутобиқати асосҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва ҳуқуқӣ-гражданӣ // Маҷаллаи илмӣ-иттилотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» , №1 (25), 2019. Саҳ. 118-131.

663. **Сулаймонов Ф.С** Мавқеи Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. № 1, 2019.-С.12-20.

664. **Сулаймонов Ф.С** Категорияҳои илми ҳуқуқи гражданӣ // Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», № 15-16 (91-92) аз 05 октябри соли 2018. Саҳ.4.

665. **Сулаймонов Ф.С** Магар узвҳои инсон ба сифати объектҳои ҳуқуқҳои гражданӣ эътироф мешаванд? // Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», № 10 (109-110) аз 23 майи соли 2019. Саҳ.6.

666. **Сулаймонов Ф.С**. Ҳамёни электронӣ //Минбари ҳуқуқшиносӣ №113-114 аз 20-уми сентябри соли 2019. С.4.

667. **Сулаймонов Ф.С.** Дуализми ҳуқуқи хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: зарурият ва ё душворӣ? Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.675-678.

668. **Мирзоев А.М.** Проблемы применения оговорки о публичном порядке в договорных отношениях с иностранным элементом //Вестник ТНУ, 2018. №3.- С.198-203.

669. **Мирзоев А.М.** Проблемы применения императивных норм вдоговорных отношениях с иностранным элементом // Вестник ТНУ. 2018. №4 -С. 236-241.

670. **Мирзоев А.М.** Коллизионное регулирование договорных отношений в международном частном праве // Развитие юридической науки в современных условиях: теория и практика: материалы VI международной научно-практической конференций (Душанбе, 31 октября 2018г.). - Душанбе: РТСУ, 2018.- С.189-193.

671. **Мирзоев А.** Статути ӯҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ//Актуальные вопросыгражданского права в Республике таджикистан/Материалы республиканской научно-практической конференции от 8 июня 2019г.//Под редакцией Гаюрова Ш.К.-доктора юридических наук, профессора.-Душанбе: «Эр-граф»,2019-С.91-97.

672. **Мирзоев А.М.** К вопросу об установлении применимого права к договорным отношениям с иностранным элементом//Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.678-681.

673. **Бобозода У.** Международные и национально-правовые основы деятельности транснациональный корпораций //Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.670-675.

674. **Саидов Ҳ.Х.** Влияние международно-правовых актов в сфере таможенного дела //Развитие юридической науки в современных условиях:теория и практика: материалы VI международной научно-

практической конференций( Душанбе, 31 октября 2018г.).- Душанбе:РТСУ, 2018. -С.231-237.

675. **СаидовҲ.Х**.Значение международно-правовых актов в сфере таможенного дело **//** Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ва равандҳои муосири рушди ҳуқуқи инсон : мушкилот ва дурнамо(Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии бахшида ба 70-умин солгарди Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон ) Душанбе,2019-С.165-173.

676. **Саидов Ҳ.Х.** Саҳми мақомоти гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ғани гардонидани буҷаи кишвар //Научно-информационный журнал «Вестник ТНУ» (Паёми ДМТ) №06 Душанбе, 2018. –С.124-134.

677. **Саидов Ҳ.Х.** Преемственность таможенного законодательства Республики Таджикистан в период независимости // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.685-692.

678. **Салихов З.И.** Тартиби пешниҳоди даъво ҳангоми амалинамоии ҳамлу нақли ҳавоии борҳо // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» - №1(13), 2019. -С. 141-147.

679. **Салихов З.И.** Ответственность перевозчика при осуществлении воздушных перевозок в соответствии с законодательством Республики Таджикистан//Вестник Таджикского национального университета. - №4, 2019. С.174-180. (на тадж. языке).

680. **Салихов З.И.** Правовое регулирование международных перевозок грузов по договору чартера//Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ (солҳои 2019-2021) ва 400-солагии Миробид Сайидои Насафӣ». – Ҷилди 2. – Душнабе, 2019. С. 207-208;

681. **Салихов З.И.** Терроризм – таҳдтиди миллӣ ва байналмилалӣ // Минбари ҳуқуқшинос, №11-12 (111-112), 23 июни соли 2019. – С.5.

682. **Салихов З.И.** Шартҳои ба вуҷуд омадани ҷавобгарии боркашон тибқи шартномаи ҳамлу нақли ҳавоӣ // Ҳаёти ҳуқуқӣ, 2019. №2 (26). С.169-173.

683. **Салихов З.И.** Хусусиятҳои асосии шартномаи ҳамлу нақли бор тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - №5 (Ҷилди 1), 2019. С.224-229.

684. **Салихов З.И**. Правовое регулирование международных воздушных перевозок врамках варшавской системы договоров Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.681-685.

685. **Кодиров Н.А.** Система источников международного частного права в РТ// Правовая жизнь.- №3 (23) 2018 -С. 91-94

686. **Кодиров Н.А.** Право на национальные обычаи// Государствоведение и права человека.- №4 (12) 2018 -С.109-112

687. **Кодиров Н.А.** Право на национальные обряды//Актуальные проблемы международного права и внешнеэкономической деятельности: материалы X междунар. науч.-практ. конф. преподавателей и студентов (Владимир, 7-8 декабря ун-т им.А.Г и Н.Г. Столетовых, Юрид.ин-т; [редкол.: О.Д.Третьякова и др.].-Владимир:Изд-во ВлГУ, Изд-во «Шерлок-пресс», 2019.-С. 493-496.

688. **Қодиров Н.А.** Обычай в гражданском праве признаки и классификация // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери тахрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.698-701.

689. **Саломов И.И.** Роғун-манбаи нур //Минбари ҳуқуқшиносӣ №21-22 аз 24-уми ноябри соли 2018. -С.6.

690. **Саломов И.И.** Истиқлолият – арзиши муқаддасу сарнавиштсоз //Минбари ҳуқуқшиносӣ №113-114 аз 20-уми сентябри соли 2019. С.6.

691. **Саломов И.И.**Татбиқи қайду шарт дар бораи тартиби оммавӣ дар муносибатҳои гражданӣ бо унсури хориҷӣ**//** Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.701-706.

692. **Одинаева Н.** Возникновение и развитие международно-правового механизма защиты прав человека// Актуальные вопросы юриспруденции: материалы VI Международной научно практической конференции (Душанбе, 26 апреля 2019 г.). – Душанбе: РТСУ, 2019.-608-612.

693. **Одинаева Н.Ҳ.** международные обязательства Республики Таджикистан в области защиты женщин от насилия Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. –Душанбе,2019. –С.707-710.

694. **Хуҷамардова** М.Т.Иҷлосияи такдирсоз// Минбари ҳукуқшинос, №21-22(97-98),24-уми ноябри соли 2018.- С.12.

695. **Хуҷамардова М.Т.** Аз эъломияи Круши кабир то ҳуқуқи башар// Мароми пойтахт, №46(539), 12-уми декабри соли 2019-С.3.

696. **Хуҷамардова М.Т.** Робитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо СММ: инкишоф ва дурнамо// Давлатшиноси ва ҳуқуқи инсон//. -Маҷлаи илмӣ-амалӣ 2019.№1 (13).С. 170-175.

697. **Хуҷамардова М.Т.** Нақш ва мавқеи Созмони Миллали Муттаҳид дар ҳимояи ҳуқуқҳои кӯдакон // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуки миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» //Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе,2019. –С.706-707.

698. **Раҳмонзода Ш.К.** Проблемы прав человека и устойчивое развитие// Государствоведение и права человека,№1(09),2018.-С.73-77.

699. **Раҳмонзода Ш.К.,Бобохонов Ф.А.**Иштироки кӯдакон дар низоъҳои мусаллаҳона //Государствоведение и права человека,№1(09),2018.-С.105-111.

700. **Одинаева З.Дж.** История науки международного права в Таджикистане //Актуальные вопросы юриспруденции: материалы VI Международной научно-практической конференции (Душанбе, 26 апреля 2019 г.)-Душанбе: РТСУ, 2019.-С.605-608.

## 2.2.ФАЪОЛИЯТИ ҶАМЪИЯТИ ИЛМИИ ДОНИШҶӮЁН (ҶИД) ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

Ҷамъияти илмии донишҷӯёни (ҶИД) факултети ҳуқуқшиносӣ тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардида дар соли таҳсили 2019–2020 фаъолияти худро роҳандозӣ намуд. ҶИД-и факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли тақвимии ҷамъбастгардида як қатор пешравӣ ва комёбиҳои назаррасро соҳиб гардид.

Шурӯъ аз рӯзҳои аввали соли таҳсил ҳамкории ҶИД бо Васоити ахбори омма, аз ҷумла бо Шабакаи якуми "Телевизиони Тоҷикистон", телевизиони "Сафина", радиои "Тоҷикистон", рӯзномаҳои "Садои мардум" ва "Ҷумҳурият" хеле вусъат ёфт, ки дар ин марҳилла зиёда аз 5 мақолаи илмӣ-оммавии донишҷӯен  ба нашр расиданд.

Дар идораи барномаҳои сиёсии "Телевизиони Тоҷикистон" донишҷӯёни факултет пайваста ширкат менамуданд ва доир ба ҷашнҳои муҳимми сиёсӣ, аз ҷумла 28-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, 25-солагии рӯзи Конститутсия ва 23-солагии "Рӯзи Ваҳдати миллӣ" иштирок ва суханронӣ намуданд, ки аз ҷониби ҳамагон баҳои баландро соҳиб гардиданд.

Илова бар ин, оид ба як қатор мушкилотҳои доғи рӯз, аз ҷумла оид ба "Савдои одамон" ва "Пешгирии зӯроварии хонаводагӣ", ки дар барномаҳои "Қонун" ва "Бозтоби андеша" мавриди баррасӣ ва фаҳмондадиҳӣ қарор мегирад, иштирок ва суханронӣ намуданд.

Бар замми ин, донишҷӯён дар ҳар як нашри рӯзномаи таъсиснамудаи факултет "Минбари ҳуқуқшинос" мақоллаҳои илмӣ-оммавии худро ба нашр мерасонанд.

Дар назди кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ маҳфилҳои илмии донишҷӯён фаъолияти пайваста доранд, ки роҳбарии ҳар яке аз онҳо аз ҷониби устодони факултет сурат мегирад. Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни аъзои маҳфилҳои назди кафедраҳои факултети ҳуқуқшиносӣ, бо самтҳои гуногуни фаъолияти кафедраҳо алоқаманд аст. Дар назди кафедраҳои факултет 11-МИД-донишҷӯён фаъолият дорад, ки дар маҳфили илмӣ донишҷӯён бо маърӯзаҳо баромад мекунанд, ки мавзӯи онҳо ҷанбаҳои гуногуни ҳуқуқиро дар бар мегирад. Боиси хушнудии ҳамагон мебошад, ки бо ташаббуси донишҷӯёни фаъоли донандагони забони англисӣ маҳфили мубоҳисавии ("Dibate Club") "Ворисони Куруш" дар ҳайати ҶИД тули 3-сол аст, ки фаъолияти муваффақона намуда истодааст. Дар маҳфили мубоҳисавии "Ворисони Куруш", ки тибқи нақшаи тасдиқгардида дар як моҳ 2-маротиба баргузор мегардад, ҷанбаҳои мухталифи мавзӯъҳои оммавӣ пурра бо забони англисӣ мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода мешаванд

Бо мақсади шиносоӣ аз вазъи ҳуқуқи инсон дар шароити муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ бо дарназардошти мушкилиҳои аҳли башар миёни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар муттаҳидӣ бо се маҳфили илмии донишҷӯён аз ҷумла "Ҳуқуқи инсон"- и назди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ, "Дипломатони ҷавон"-и назди кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ ва маҳфили мубоҳисавии (Dibat club) -

“Ворисони Куруш”-и факултети ҳуқуқшиносӣ бахшида ба “Рӯзи ҳуқуқи инсон” маҳфили саршор аз баҳси илмии донишҷӯён баргузор шуд.

Чун анъана ҳамасола дар моҳи апрел ҳафтаи илм баргузор мегардад, ки дар ҳайати ҳар як кафедраи факултети ҳуқуқшиносӣ конференсияи апрелӣ баргузор мешавад. Конференсияи илмии апрелие, ки имсол доир гардид тафовути куллӣ аз солҳои қаблиро касб намуда буд. Зеро имсол шумораи донишҷӯёне, ки бо забони англисӣ маърӯзаҳои илмии худро пешкаш намуда буданд хеле боло рафта, афзоиши сатҳи забондонии донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносиро бори дигар исбот намуд. Саҳми устодони факултет дар рушди фаъолияти ҶИД хеле назаррас мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар ҳар як маҳфили назди кафедра чунин шумораи аъзо маърӯза баррасӣ намудаанд:

1.МИД-и “Назариячиёни ҷавон”-и назди кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ 16 маротиба баргузор гардид, ки дар он 40 донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

2. МИД- и “Ҳуқуқи маданӣ”-и назди кафедраи ҳуқуқи граждонӣ 14 маротиба баргузор гардид, ки дар он 45 донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

3. МИД-и “Ҳуқуқшиноси байналмилалӣ”- и назди кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ 16 маротиба баргузор гардид, ки дар он 32 донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

4. МИД-и “Ҳуқуқи инсон”- и назди кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ 12 маротиба баргузор гардид, ки дар он 18-донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

5. МИД-и “Ҷиноят ва ҷазо”- и назди кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия 28-маротиба бургузор гардид, ки дар он 40-донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

6. МИД- и “Соҳибкор ва қонун”-и назди кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат 16 маротиба баргузор гардид, ки дар он 48-донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

7. МИД- и “Давлатшиносӣ”-и назди кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ 36 маротиба баргузор гардид, ки дар он 50- донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

8. МИД-и “Мурофиачиёни ҷавон”-и назди кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ 16 маротиба (дар ду баст) баргузор гардид, ки дар он 40- донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

9. МИД-и “Муҳофизони муҳити зист”-и назди кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва истифодаи сарватҳои табиӣ 18 маротиба баргузор гардид, ки дар он 40 донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

10.МИД-и “Today’s reader toomorow’s leader”-и назди кафедраи забонҳои хориҷӣ 9 маротиба баргузор гардид, ки дар он 30 донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

11.МИД-и “Криминалистони ҷавон”-и назди кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ 8 маротиба баргузор гардид, ки дар он 16-донишҷӯ маърӯзаи илмӣ баррасӣ намуданд.

## III. ҲИСОБОТИ БАХШИ КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ

### 3.1. КОРҲОИ ТАРБИЯВӢ ДАР ФАКУЛТЕТ

Бахши тарбияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар доираи «Нақшаи чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли таҳсили 2018-2019 ва 2019-2020 ҷиҳати иҷрои «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2015-2020», (Қарори ШО аз 29.09.2018с, №1, ва 27.09.2019с., №1 тасдиқ шудааст), «Нақшаи чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар соли 2019 ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд» ва нақшаҳои тасдиқшудаи бахши тарбияи Раёсати ДМТ дар давраи ҳисоботӣ чунин корҳоро анҷом додааст.

1. Бо мақсади риоя намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ, таъмини раванди мӯътадили таълим ва тарбия, санҷиши ҳолати риояи либосҳои тавсиявӣ ва давомоти мунтаззами донишҷӯён аз ҳисоби устодони факултет навбатдорӣ ташкил карда шуд. Устодон дар вақту замони муқарраргардида ба ҷойи навбатдорӣ ҳозир гардида, барои таъмини вазъияти муътадил фаъолият менамоянд. Бояд зикр намуд, ки қисми табия аз ҳисоби устодони факултет навбатдоронро дар хобгоҳи №6-и ДМТ муқаррар карда буд.

Дар натиҷаи ба роҳ мондани ин талаботҳо то кунун зиёда аз 2420 нафар донишҷӯ огоҳонида шуда, ба 1225 нафар донишҷӯён муҷозоти интизомии «Сарзаниш», ба зиёда аз 654 нафар донишҷӯён муҷозоти интизомии «Танбеҳ» ва ба 187 нафар донишҷӯён муҷозоти интизомии «Танбеҳи қатъӣ» татбиқ карда шудааст. Ҳамчунин дар соли 2019 бинобар дағалона вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилӣ, давомоти нокифоя ва қарзи академӣ **<u>85</u>** нафар донишиҷӯ аз сафи донишҷӯён хориҷ карда шуданд.

2. Донишҷӯёни курсҳои 1-4 бо муқаррароти Дастурамали либосҳои тавсиявии хонандагон ва донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ (қарори мушовараи Вазорати маорифи ҶТ аз 03.07. 2007, №14/2), Қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (қарори ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳ аз 26.06.2009, №13) ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии бахши тарбия шинос карда шуданд. Дар оғози соли таҳсил дар байни тамоми донишҷӯёни факултет протоколи огоҳонӣ оид ба риояи қоидаҳои тартиботи дохилӣ қироат гардида, имзои ҳар як донишҷӯ гирифта шудааст. Мақсад аз қироати протоколи мазкур шинос намудани донишҷӯён бо қоидаҳои тартиботи дохилӣ ва риояи одоби донишҷӯӣ мебошад.

3. Яке аз корҳои муҳимме, ки дар самти тарбия бар души факултети ҳуқуқшиносӣ вогузор шуда буд, дар чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок намудани кормандону донишҷӯёни факултет мебошад. Бо ин мақсад дар чорабинии муҳимми фарҳангӣ бахшида ба таҷлили 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар

Наврӯзгоҳи марказӣ санаи 09.09.2019с. баргузор гардид, 80 нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар барномаи фарҳангӣ иштирок ва ҳунарнамоӣ намуданд. Ҳамчунин бо мақсади иштирок дар барномаи фарҳангӣ ба муносибати таҷлили 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ 45 нафар сафарбар карда шуданд.

Инчунин зиёда аз 200 нафар донишҷӯдухтарони факултети ҳуқуқшиносӣ ба машқҳои тайёрӣ бо мақсади дар сатҳи хуб таҷлил намудани иди Наврӯзи байналмилалӣ-2019 дар ду самт "Корвони шодӣ" ва "Барномаи фарҳангӣ" ҷалб карда шуданд. Бояд зикр намуд, ки ҳамаи донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ аз уҳдаи дастурҳои гузоштшуда ба хуби баромада тавонистанд. Устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар чорабиниҳои фарҳангӣ бахшида ба таҷлили иди Наврӯз, ки санаи 19.03.2019с. дар Наврӯзгоҳи ш. Душанбе баргузор гардид иштирок намуданд.

Санаи 1-уми сентябри соли 2019 **<u>10</u>** нафар устоди факултет дар чорабинӣ бахшида ба «Рӯзи дониш ва дарси сулҳ», ки бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, иштирок намуданд. Дар факултети ҳуқуқшиносӣ санаи мазкур дар синфхонаи С-1 **<u>200</u>** нафар донишҷӯ ва **<u>30</u>** нафар устодон барномаи телевизиониро бахшида ба «Рӯзи дониш ва дарси сулҳ», ки бо суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор гардид, иштирок ва тамошо намуданд.

Ҳамчунин санаи 07.06.2019с. **<u>30</u>** нафар донишҷӯён бо ҳамроҳии раиси Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ Буриев А.Р. дар бозии футболи дустона миёни дастаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Афғонистон, ки дар варзишгоҳи марказии шаҳри Душанбе баргузор гардид, иштирок намуданд.

Бояд қайд намуд, ки устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар давраи ҳисоботӣ дар чандин барномаҳои телевизионӣ дар мавзӯъҳои гуногун иштирок ва суханронӣ намуданд. Чунончи: Бахшида ба ҷашни қабули «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» зиёда аз **<u>60</u>** нафар донишҷӯ ва **<u>30</u>** нафар устоди факултет дар барномаҳои телевизионӣ иштирок ва суханронӣ доштанд. Санаи 24-уми ноябри соли 2019 **<u>5</u>** нафар устоди факултет дар барномаи телевизионӣ бахшида ба рӯзи «Парчами давлатӣ» ширкат варзиданд. Ногуфта намонад, ки бештари барномаҳои телевизионӣ дар шакли пахши мустақим сурат мегирифтанд. Дар суханрониҳои худ устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ оид ба мавқеи Конститутсия дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Унсурҳои асосии давлатдорӣ, ки дар Конститутсия муқаррар гардидаанд, Оид ба арзиши оли доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзандон, Рамзҳои давлатӣ ва аҳамияти

онҳо ва монанди инҳо маълумотҳои муфассал пешниҳод карданд. Ҳамчунин санаи 24-уми ноябри соли 2019 **10** нафар устод ва **40** нафар донишҷӯи факултет дар назди Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон гирд омада, дар чорабинии фарҳангӣ фаъолона иштирок кардан два парчамбардорӣ намуданд.

4. Самти дигаре, ки бахши тарбияи факултети ҳуқуқшиносӣ дар он фаъолноки нишон медиҳад, гузаронидани шанбегӣ ва якшанбегиҳо мебошад. Мувофиқи нақшаи тасдиқнамудаи Раёсати донишгоҳ ва нақша-чорабиниҳои факултет ба таври доимӣ дар соли тақвимии 2019 дар маҷмӯъ 45 маротиба, бо ҷалби беш аз 1000 нафар донишҷӯён ва устодон барои тозаву озода намудани роҳравҳо ва гирду атрофи синфхонаҳои таълимӣ, инчунин қитъаи замине, ки факултет барои ободонии он масъул мебошад, шанбегиҳо ва якшанбегиҳо гузаронида шудааст.

Бояд қайд кард, ки устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ барои анҷом додани корҳои ободонӣ бетараф намебошанд. Чунончи: санаи 4-уми ноябри соли 2019 аз ҷониби садорати факултети ҳуқуқшиносӣ дар қитъа замине, ки ба факултет вобаста гардидааст, зиёда аз **40** ниҳоли арча шинонида шуд. Воқеан ин иқдом барои боз ҳам ободу зебо гардонидани ҳудуди шаҳраки донишҷӯён нақши муҳим мегузорад. Устодону донишҷӯён баҳри ободу зебо гардонидани атрофи шаҳраки донишҷӯён пайваста кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Шурӯъ аз моҳи сентябри соли 2019 ҳар рӯзи шанбе дар майдончаи ба факултет мустақаршуда донишҷуён бо ҳамроҳии устодон ба шанбегиҳо мебароянд. Устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар рӯзҳои шанбегӣ қитъаи замини ба факултет вобастагардидаро аз ашёҳои зиёдатӣ, сангу шағал тоза намуда, замини атрофи дарахтонро баргардон менамоянд.

5. Иштироки фаъоли донишҷӯён ва устодони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар чорабиниҳои фарҳангӣ, чорабиниҳои театрикунонидашуда фаъолон эҳсос мегардад. Чунончи, санаи 27-уми апрели соли 2019 мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Саъдизода Ҷаҳонгир ҳамроҳ бо донишҷӯёни курси 1.01, гурӯҳҳои “А,Б,В” дар барномаи театрикунонидашудаи “Кинои РИО” дар кинотеатри ВАТАН ширкат варзиданд.

Ҳамчунин санаи мазкур муовини декан оид ба тарбия Шарифзода Саъдӣ ва раиси Шӯрои сарпарастон Буриев Акмал ҳамроҳ бо донишҷӯёни курси 1.01, гурӯҳҳои “Г,Д,Е” дар барномаи фарҳангӣ бахшида ба “Рӯзи ҷавонон” дар Боғи ҷавонон ширкат варзиданд.

Зикр кардан ба маврид аст, ки устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо мақсади таъмини тарзи ҳаёти солим дар чорабиниҳои Дави миллӣ иштироки фаъоли худро таъмин мекунанд. Санаи 19-уми майи соли 2019 **10** нафар донишҷӯ ва **8** нафар устоди факултет дар чорабинии бахшида ба Дави миллӣ ва марафони велосипедронӣ, ки аз маҳаллаи Товус то Наврӯзгоҳи марказӣ масофа дошт иштирок намуданд.

Садорати факултети ҳуқуқшиносӣ пайваста кӯшиш менамояд, ки фаъолона дар тамоми чорабиниҳо ширкат варзад. Бо мақсади таъмини тарзи ҳаёти солим санаи 02.03.2019с. дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии “Ҷавонон” машқҳои пагоҳирӯзӣ миёни устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 100 нафар донишҷӯён ва устодон иштироки фаъол доштанд.

6. Бояд гуфт, ки дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо мақсади пурзур намудани раванди тарбия силсилавохӯриҳо бо ҷалби намояндагони мақомотҳои давлатӣ баргузор карда мешаванд. Чунончи, санаи 07.05.2019с. дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чорабинии фарҳангӣ бахшида ба 74-умин солгарди пирӯзи бар фашизм «Рӯзи ғалаба» баргузор гардид. Чорабинии мазкур бо сухани ифтитоҳии декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек ҳусни оғоз ёфт. Муҳтарам Раҳмон Д.С. нахуст меҳмонон ва иштирокчиёни чорабинии мазкурро ба муносибати солгарди ин ҷашни ниҳоят бузург «Рӯзи ғалаба» самимона табрику таҳният намуда, иброз доштанд, ки «Мо дар арафаи рӯзҳои хело саид қарор дорем, рӯзи ғалабаи некӣ бар бадӣ, рушноӣ бар торикиву зулмот, рӯзи ғалабаи собиқ Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравии Сотсиалистӣ бар Олмони фашистӣ». Декани факултет таъкид доштанд, ки тасмими факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба хотири гиромидошти руҳу ҷони фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, ки дар ин муҳориба иштирок намуданд ва ба хотири бедор кардани ҳисси ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, арҷгузори ба арзишҳои миллӣ аз ҷониби ҷавонону наврасон равона гардидааст.

Бояд иброз дошт, ки дар кори чорабинии мазкур собиқадорони Ҷанги Бузурги Ватанӣ, намояндагони мақомотҳои давлатӣ ва намояндагони Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иштирок доштанд.

Яке аз иштирокчиёни бевоситаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ истиқоматкунандаи шаҳри Душанбе Ҳалимов Ҳайдар аз ҳаёту фаъолияти худ ба сифати иштирокчии ин муҳорибаи азим сухан ронда, ҷавононро ба ҳифзи Ватани азизамон Тоҷикистон ҳидоят намуданд.

Ҳамчунин дар кори чорабинии мазкур Раиси Шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе Аслонов Маҳкам иштирок ва суханронӣ намуданд.

Баъд аз суханронии декани факултети ҳуқуқшиносӣ муҳтарам Раҳмон Дилшод Сафарбек ва меҳмонони чорабинии мазкур маҳфили фарҳангии омоданамудаи донишҷӯёни факултет кори худро шурӯъ намуд. Дар маҳфили фарҳангӣ перомуни хизматҳои шоистаи фарзандони бонангу номуси миллат, ки дар давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ анҷом доданд, наворҳои воқеӣ ба аҳли нишаст намоиш дода шуд. Маҳфили фарҳангии донишҷӯён хотири иштирокчиёни чорабинии имрӯзаро шод гардонид. Дар анҷоми кори чорабинӣ декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек бори дигар меҳмонон ва иштирокчиёни чорабиниро ба «Рӯзи ғалаба» самимона

муборакбод намуданд. Бояд иброз дошт, ки чунин чорабиниҳо ба тарбияи наврасону ҷавонон таъсири мусбӣ расонида, онҳоро дар ҷодаи ватандӯстӣ ва меҳанпарастӣ ба воя мерасонад. Дар чорабинии мазкур аз ҳисоби донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ зиёда аз 300 нафар донишҷӯён иштирок доштанд.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар баргузор намудани ҳама гуна чорабиниҳои муҳими сатҳи ҷумҳуриявӣ нақши назаррас дорад. Ҳар сол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ташаббуси муассисаи давлатии "Маркази миллии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои минаҳо" ва лоиҳаи БР СММ оид ба Дастгирии Барномаи амалиёти зидди минаҳои Тоҷикистон санаи 4 апрел - Рӯзи байналмилалии огоҳӣ аз хатари минаҳо ва кӯмак ба амалиёти зидди минаҳо ҷашн гирифта мешавад. Бахшида ба ин рӯз санаи 4-уми апрели соли ҷорӣ бо иштироки намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкилотҳои СММ, ташкилотҳои байналмилалӣ, аз он ҷумла Дафтари барномаҳои Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Иттиҳоди Аврупо, ташкилотҳои Кӯмаки Мардуми Норвегия, Фонди швейтсарӣ оид ба безараргардонии башардӯстонаи минаҳо, намояндагии Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх дар Тоҷикистон, намояндагони сафоратҳои кишварҳои ИМА, Фаронса, Олмон, Британияи Кабир, Афғонистон, Ҷопон, инчунин дигар ташкилотҳои ғайридавлатии миллӣ дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чорабинии сатҳи баланд баргузор карда шуд.

Имсол 4 апрел - Рӯзи байналмилалии огоҳӣ аз хатари минаҳо ва кӯмак ба амалиёти зидди минаҳо, бо паёми Котиби генералии СММ зери шиори "Замини бехатар" гузаронида мешавад. Мақсади баргузории ин чорабинӣ баланд бардоштани дараҷаи воқифӣ оид ба проблемаҳои минаҳо дар тамоми ҷаҳон буда, даъват менамояд, ки ин масъала дар сатҳи умумиҷаҳонӣ дастгирӣ карда шавад.

Тоҷикистон дар давраи низоъҳои дохилии мусаллаҳонаи солҳои 1992–1997 бо минаҳо ва лавозимоти нотаркидаи ҷангӣ олуда шудааст. Хатари минаҳо дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистону Афғонистон қад-қади сарҳади Тоҷикистону Ӯзбекистон вуҷуд дорад. Дар минтақаи марказӣ ба ғайр аз хатари минаҳо ва лавозимоти нотаркидаи ҷангӣ, инчунин хатари боқимондаи муҳимоти хӯшавӣ низ вуҷуд дорад, гарчанде ҷойгиршавӣ ва сатҳи олудагӣ бо онҳо ҳоло ҳам номуайян мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 апрели соли 2000 дар қатори 163 кишвари ҷаҳон узви Конвенсияи СММ оид ба манъи истифода, захирасозӣ, истеҳсол ва таҳвили минаҳои зиддипиёдагард ва нобудсозии онҳо мебошад.

Мувофиқи иттилооти мавҷуда аз соли 1992 то инҷониб, 872 нафар ҷабрдидагони минаҳо ва муҳимоти нотаркида ба қайд гирифта шудаанд, ки аз онҳо 523 нафарашон маҷрӯҳ ва 349 ҳалок гашта, 28% онҳоро кӯдакон ташкил медиҳанд. Дар давоми солҳои 2004-2018 дар раванди фаъолиятҳои безараргардонии минаҳо дар Тоҷикистон масоҳати 21,1 $км^2$ ё ба ибораи дигар зиёда аз 2100 гектар замин аз минаҳо ва муҳимоти нотаркида тоза карда шуда, 69 226 адад минаҳои зиддипиёдагард, 120

минаҳои зиддитанкӣ, 21 168 адад лавозимоти нотаркидаи ҷангӣ ва миқдори зиёди боқимондаҳои муҳимоти хӯшавӣ ошкор ва нобуд карда шудаанд. Масоҳати бо минаҳо ва муҳимоти нотаркида олуда 10,1 км$^2$–ро ташкил медиҳад. Барои таблиғи дастгирии амалиёти зидди минаҳо ва таъмини паёмҳои бехатар ба омма иттилооти дахлдор ба таври васеъ паҳн карда шудааст. Чун натиҷа, шумораи ҳодисаҳои таркиши одамон дар минаҳо ва лавозимоти нотаркидаи ҷангӣ хеле коҳиш ёфт: аз 62 нафар дар соли 2000 то 2 нафар дар соли 2019.

Баргузор намудани чорабинии мазкур имконият медиҳад, ки тавассути табодули иттилоот ва намоиши ҳамфикрӣ бо ҷабрдидагон, таблиғи манъи минаҳои зиддипиёдагард роҳ монда шавад. Ин барои мувофиқи мақсад сафарбар намудани захираҳо ҷиҳати иҷрои уҳдадориҳо дар доираи Конвенсияи СММ оид ба манъи истифода, захирасозӣ, истеҳсол ва таҳвили минаҳои зиддипиёдагард ва нобудсозии онҳо шароит фароҳам меорад.

Дар чорабинии мазкур аз ҳисоби донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ зиёда аз 250 нафар иштирок доштанд.

Бо мақсади огоҳсозии донишҷӯён аз риояи қоидаҳои истифодаи шабакаҳои иҷтимоӣ ва умуман шабакаи умумиҷаҳонии Интернет дар бинои марказии ДМТ санаи 23.04.2019с. вохӯри бо иштироки кормандони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Дар ин чорабинӣ аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 30 нафар донишҷӯён бо ҳамроҳии устодон иштирок намуданд. Дар ҳақиқат ташкили чунин чорабиниҳо ба зеҳнияти донишҷӯён таъсири мусбат мерасонад. Албатта шабакаҳои иҷтимоӣ дар шароити имрӯза омили бисёр таъсиргузор ба зеҳнияти ҷавонону наврасон мебошанд. Онҳоро танзим мебояд. Қоидаҳои истифодаи онҳоро бояд риоя кард.

Санаи 27.04.2019с. дар Наврӯзгоҳи пойтахт чорабинии гуштини миллӣ ба муносибати “Ҷоми пойтахт” баргузор гардид, ки дар он аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 50 нафар донишҷӯ бо ҳамроҳии устодон Қудбуддинов Ф.Ш. ва Сангов С. ба сифати тамошобин иштирок намуданд.

Санаи 3-юми декабри соли 2019 дар толори ТСО-и шаҳраки донишҷӯён вохӯрии хоссаи намояндагони вазорату кумитаҳои давлатӣ бо донишҷӯёни факултетҳои ДМТ дар доираи **Нақша – чорабинии ҳамкорӣ** оид ба доир намудани сӯҳбату вохӯриҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва аҳолии шаҳру ноҳияҳо, бахусус занон ва ҷавонон вобаста ба иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани руҳияи худогоҳию хештаншиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолона ширкат варзидан дар маъракаҳои интихоботӣ, пешгирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, террористӣ ва экстремистӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, сафарбарии дружиначиёни ихтиёрӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар давраи интихобот, семинарҳои омӯзишӣ барои судяҳо ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба таъмини талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи интихобот, ки аз ҷониби Вазорату кумитаҳои давлатӣ тасдиқ гардида буд баргузор гардид. Дар кори ин ҷаласа аз

ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ зиёда аз 70 нафар донишҷӯён иштироки фаъолона доштанд.

Мақсади баргузории суҳбату вохӯриҳои мазкур аз иҷрои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, баланд бардоштани руҳияи худогоҳию хештаншиносӣ, маърифати ҳуқуқӣ ва ширкати фаъолона дар ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар маъракахои интихоботӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ, махсусан шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро, террористӣ ва экстремистӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, фаъолгардонии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Пайравони Пешвои миллат дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёна касбӣ, иборат буд.

Маврид ба зикр аст, ки дар вохӯрии мазкур намояндагон аз мақомоту муассисаҳои давлатӣ иштирок доштанд, аз ҷумла:

1) **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** – ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

2) **Абдуллозода Аҳтам Рустам** – раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

3) **Мирбобоев** Раҳматулло Мадаюбович – муовини якуми Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон

4) **Раҳмон Дилшод Сафарбек** – декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, коршиноси КМИР Ҷумҳурии Тоҷикистон,

5) **Холиқзода Сарвар Ҳотамӣ** – муовини сардори Сарраёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

6) **Мансурзода Амиршо** – сардори шуъбаи илми Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Санаи 26-уми ноябри соли 2019 дар факултети ҳуқуқшиносӣ вохӯрии намояндаи Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муовини сардори Раёсати қонуни будани санадҳои судӣ оид ба парвандаҳои гражданӣ, иқтисодӣ, оилавӣ ва маъмурии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мушовири адлияи дараҷаи 1 Насриддинзода Насрулло бо донишҷӯёни факултет оид ба шарҳу тавзеҳи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид. Аз чунин вохӯриҳо ҳамаи иштирокчиёни як ҷаҳон ғизои маънавӣ гирифтанд.

Имсол ҷашни 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Муассисаи давлатии «Кохи Борбад» баргузор гардид. Дар ин маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ доираи зиёди устодону донишҷӯён (зиёда аз 300 нафар) иштирок намуданд.

Санаи 4-уми декабри соли 2019 дар бинои ТСО-и шаҳраки донишҷӯён вохӯрии намояндагони вазорату кумитаиҳои давлатӣ бо доираи зиёда донишҷӯёни факултетҳои донишгоҳ сурат гирифт. Дар ин вохӯрӣ аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ зиёда аз 70 нафар донишҷӯ иштирок намуданд.

Санаи 5-уми октябри соли 2019 дар Муассисаи давлатии «Кохи Борбад» вохӯрии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати ҷашни рӯзи «Забони давлатӣ» баргузор гардид, ки дар ин вохӯрӣ аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 20 нафар устодону донишҷӯён иштирок намуданд.

Санаи 9-уми октябри соли 2019 дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон таҳти сарпарастии Сафири Созмони байналмилалии «Занони Сиёсатмадори Роҳбар» - Роҳбари дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ Форуми ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Баланд бардоштани маърифати сиёсиву ҳуқуқии занону ҷавондухтарон – омили рушди суботи ҷомеа» баргузор гардид, ки дар он аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 25 нафар омӯзгорзанон ва донишҷӯдухтарон иштирок намуданд.

7. Иштироки донишҷӯён ва устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар тамоми чорабиниҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолона ба мушоҳида мерасад. Чунончи: Санаи 03.05.2019с. дар муассисаи давлатии "Анфитеатр" фестивали чакан баргузор гардид, ки дар он 25 нафар донишҷӯдухтари факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок доштанд.

Ҳамчунин санаи 28.04.2019с. дар Боғи фарҳангӣ-фароғатии Устод Рӯдакӣ чорабинӣ бахшида ба намоиши либосҳои миллӣ баргузор гардид, ки дар кори он 30 нафар донишҷӯдухтари факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуда, намоиши хуби либосҳои миллиро роҳандозӣ карданд.

Аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 8 нафар донишҷӯ барои гузаштан аз курси омӯзишии "Сарварони сиёсӣ" пешбарӣ гардиданд. Онҳо дар чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ ширкат варзида, баҳри омодагии сиёсии худ курсҳои омӯзиширо гузаштанд.

Санаи 22-юми октябри соли 2019 аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ дар конференсия бахшида ба таъсисёбии Маркази конфутсия дар назди ДМТ ва тақвияти ҳамкориҳои Тоҷикистону Чин 40 нафар донишҷӯ сафарбар гардиданд.

Санаи 25-уми октябри соли 2019 дар бинои марказии донишгоҳ форуми донишҷӯёни донишгоҳҳои Осиё баргузор гардид. ки дар кори он аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 15 нафар донишҷӯ иштироки фаъол доштанд.

Санаи 25-уми октябри соли 2019 форуми мазкур кори худро дар факултети ҳуқуқшиносӣ идома дод, ки 15 нафар донишҷӯи забондонӣ факултет ҳайати чандиннафараи донишҷӯёни хориҷиро ҳамроҳӣ намуда, аз дастовардҳои факултет ба онҳо иттилоъ пешниҳод намуданд.

Соли 2019 тантанаҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи баланд дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ доир гардиданд. Баҳри таҷлили тантанаҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 аз ҳисоби факултетҳои ДМТ ҳудуди 100 нафар устодону донишҷӯён ба минтақаҳои вилояти Хатлон сафарбар гардиданд. Дар ин чорабиниҳо аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 20

нафар устодону донишҷӯён иштирок намуда, фарҳанги баланди миллати тоҷикро намоиш доданд.

Дар моҳи декабри соли 2019 маъракаи муҳимми сиёсӣ ироаи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ 35 нафар устодону донишҷӯён барои иштирок дар ин маъркаи муҳимми сиёсӣ сафарбар гардидаанд.

Санаи 8-уми ноябри соли 2019 дар толори ТСО-и шаҳраки донишҷӯён вохӯрии хоссаи устодон ва донишҷӯёни ДМТ бо муовини раиси шаҳри Душанбе Мавсуна Муйинӣ оид ба канораҷӯии донишҷӯёну ҷавонон аз шомилшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро баргузор гардид, ки дар он аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ зиёда аз 20 устодону донишҷӯён иштирок намуданд.

8. Устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар тамоми чорабиниҳои берун аз донишгоҳ баргузор мегардида, фаъолона иштирок мекунанд. Донишҷӯдухтарони факултети ҳуқуқшиносӣ низ дар чорабиниҳо фаъолона саҳм мегузоранд.

Аз санаи 17.04.2019с. то 23.04.2019с. дар Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида ба “Нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дарсҳои сиёсӣ баргузор гардид, ки дар кори он **3** нафар донишҷӯдухтари факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок намуданд.

Санаи 19.05.2019с. дар толори Суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе барномаи “Мурофиаи судӣ” баргузор гардид, ки дар он **45** нафар донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ иштирок ва баромад намуданд.

Ҳамчунин санаи 22.05.2019с. дар театри Лоҳутӣ намоиши “Ҷиноят ва ҷазо” баргузор гардид, ки дар он **600** нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ҳузур доштанд.

Баҳри муаррифии либосҳои миллӣ дар Филармонияи давлатӣ ба номи Акашариф Ҷураев санаи 02.03.2019с. Рӯзи чакомаи гесӯ баргузор гардид, ки аз ҳисоби факултети ҳуқуқшиносӣ **35** нафар зан ва **5** нафар мард иштирок намуданд.

9. Барои хабардор шудан аз ваъзи зиндагонии донишҷӯёни дар хобгоҳ иқоматдошта бо таъйиноти декани факултети ҳуқуқшиносӣ ҷадвали навбатдорӣ ташкил карда шудааст. Дар соли тақвимии сипаришуда силсилавохӯриҳо бо донишҷӯёни дар хобгоҳ иқоматдошта аз ҷониби устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар мавзӯъҳои гуногун гузаронида шуд.

Ҳайати садорати факултети ҳуқуқшиносӣ дар асоси дастуру супоришҳои декани факултет, муҳтарам Раҳмон Дилшод Сафарбек пайваста аз ваъзи истиқоматӣ донишҷӯёни хобгоҳ огоҳ гардида, бо онҳо суҳбату воҳуриҳо ташкил менамоянд. Ҳамчунин баҳри бартараф намудани камбудиҳои ҳуҷраҳои истиқоматӣ ва блокҳои хобгоҳ ҳайати садорати факултет пайваста чораандешӣ менамоянд.

Бояд зикр кард, ки мақсад аз вохӯрӣ огоҳ намудани донишҷӯён аз риояи қатъии талаботҳои дохилихобгоҳӣ мебошад. Зимни вохӯриҳо донишҷӯён ба зоҳир намудани рафтори ҳамида, эҳтироми якдигарӣ, риояи қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳ, худдорӣ аз воридшави ба

гурӯҳҳои тундрав, тайёрии ҷидди ба сессияи санҷишию имтиҳонии дар пешистода, иштироки фаъол дар чорабиниҳои илмӣ, пос доштани номи неки донишгоҳ ва факултет, расидан ба қадри шароити фароҳамовардаи роҳбарияти донишгоҳ, эҳтиром ба заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат ва сиёсати давлату Ҳукумат даъват карда мешаванд.

Дар воҳуриҳо таъкид мегардад, ки донишҷӯёнро зарур аст дар вақту соати муқарраргардида ба хобгоҳ ҳозир шаванд ва аз баргузории ҷамъомадҳои динӣ худдорӣ намоянд. Донишҷӯён огоҳонида мешаванд, ки ҳангоми вайрон намудани қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳ, ташкили ҷамъомадҳои динӣ, дар вақти шабона берун будан аз хобгоҳ, воридшави дар гурӯҳҳои тундрав аз хобгоҳ ва аз сафи донишҷӯёни донишгоҳ хориҷ карда мешаванд.

Инчунин давоми соли тақвимӣ дар асоси нақшаи навбатдории Хобгоҳ аз ҷониби сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар хобгоҳи №-6 бо донишҷӯён воҳӯриҳои ҳамарӯза доир мегардид. Дар ин воҳӯриҳо навбатдорон аз ҳолу аҳволи донишчуён бохабар гардида, дар мавзӯъҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ, ватандӯстӣ, Ваҳдати миллӣ, одобу ахлоқи ҳамида, нагаравидан ба ҳар гуна равияҳои ифротгаро сӯҳбатҳо ороста ва аз камбудиҳои мавҷуда бохабар шуда, ба садорати факултет гузориш ирсол менамуданд. Баҳри бартараф намудани ин камбудиҳо садорати факултет фавран чораҷӯӣ менамояд.

Бояд зикр намуд, ки аз ҳисоби устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар хобгоҳи №6-и ДМТ пайваста маҳфилҳои илмӣ баргузор гардида, дар он шумораи зиёди донишҷӯёни факултетҳои ДМТ иштирок менамоянд. Чунончи: Санаи 29-уми ноябри соли 2019 дар хобгоҳи №6-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки садорати факултети ҳуқуқшиносӣ маҳфили илмӣ-амалӣ доир гардид, ки дар он дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ Сулаймонов Ф.С. дар мавзӯи “Инкишофи қонунгузории граждании дар замони муосир” баромад намуданд. Дар маҳфил аз ҳисоби садорати факултети ҳуқуқшиносӣ муовинони декан оид ба корҳои тарбиявӣ Саидов Ҳ.М. ва Шарифзода С.Ш. иштирок карданд. Маврид ба зикр аст, ки дар маҳфил зиёда аз **40** нафар донишҷӯи курсҳои гуногуни факултети ҳуқуқшиносӣ ва факултетҳои дигари донишгоҳ иштирок намуда, маълумоти ғанӣ ба даст оварданд. Дар ҷараёни баррасии мавзӯъ аз ҷониби донишҷӯён ба маърӯзачиён саволҳо дода шуд. Донишҷӯён ба ҷиҳати амалии меъёрҳои қонунгузории гражданӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуданд. Қисми ниҳоии маҳфил хусусияти фаъол касб намуда, минбаъд дар шакли саволу ҷавоб гузаронида шуд. Маҳфили баргузоргардида дар такмили донишҳои ҳуқуқӣ ва ривоҷи саҳти илмомӯзӣ нақши муҳим хоҳад бозид. Баргузории чунин маҳфилҳои ба нафъӣ кор хоҳад буд.

Ҳамзамон, донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар чорабиниҳои дар Хобгоҳ баргузор гардида, фаъолона иштирок менамоянд. Масалан: санаи 22-юми ноябри соли 2019 бахшида ба рӯзи “Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дар Хобгоҳи №6 чорабинии идона баргузор гардид, ки дар он 1 нафар донишҷӯи курси 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ Рустамзода Шукрона баромад намуд ва зиёда аз 15 нафар

донишҷӯёни факултет дар он иштирок доштанд. Чанд нафар донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ дар кори ин чорабинӣ бо Ифтихорномаҳои ДМТ сарфароз гардонида шуданд.

Давоми соли тақвимии 2019 устодон Сотиволдиев Р.Ш., Ғаюров Ш.К., Раҷабов М.Н., Маҳмудов И.Т., Диноршоҳ А.М., Сафарзода А.И., Назаров А.Қ., Сангинов Д.Ш., Қурбонов Қ.Б., Саъдизода Ҷ., Назарова З.А. дар мавзӯъҳои "Давлати ҳуқуқбунёд", «Проблемаҳои муосири ҳуқуқи гражданӣ», «Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ислоҳоти судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», "Нақши Конститутсия дар бунёди давлати соҳибистиқлол", "Пешгирии воридшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро", "Мубориза ба истеъмоли маводҳои мадҳушкунанда аз ҷониби ҷавонон", "Маърифати ҳуқуқӣ омили ташаккули шахсияти донишҷӯ", «Ташаббусҳои Пешвои миллат дар ҳалли мушкилотҳои обии сайёра», "Масоили назариявии ҳуқуқи инсон", "Усулҳои тақвият бахшидани омӯзиши забонҳои хориҷӣ" бо донишҷӯёни дар хобгоҳ иқоматдошта суҳбату вохӯриҳо ташкил намуданд.

10. Самти дигари фаъолияти бахши тарбияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ин баргузории дарсҳои тарбиявӣ дар гурӯҳҳои академӣ дар мавзӯъҳои мубрами рӯз мебошад. Бахри ноил шудан ба ҳадафҳои муайянгардида кулли сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дарсҳои кушоди тарбиявӣ ташкил намуданд, аз ҷумла санаи 16.02.2019с. дар мавзӯи "Таҳлил ва омӯзиши паҳлуҳои дахдори Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" дарси кушоди тарбиявӣ дар курси 3.05, ихтисоси "26010200-ИДҲ" баргузор гардид. Сарпарастии курси марзкурро Саидов С.–ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба уҳда доранд. Сарпарасти курс қайд намуданд, ки Паём ҳуҷҷати сарнавиштсоз аст. Мо бояд нисбат ин санади олии ҳуқуқӣ эҳтиром дошта бошем ва риояи бечунучарои онро анҷом диҳем ва таъмини иҷрои онро анҷом диҳем. Сипас чанде аз донишҷӯён бо маърӯзаҳо баромад намуда, муҳиммияти ин ҳуҷҷатро иброз доштанд.

Санаи 23-уми марти соли 2019, дар курси 1.02, гурӯҳи "Русӣ" дарси кушоди тарбиявӣ баргузор гардид. Сарпарасти курси мазкур Неъматуллоев Умед - ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ мебошад. Дарси тарбиявии мазкур дар мавзӯи « Ҷашни Наврӯз - ифодакунандаи фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ" баргузор гардид.

Ҳамчунин санаи 20-уми апрели соли 2019 дар курси 2.04, ихтисоси "ФҲҲ" дарси кушоди тарбиявӣ баргузор гардид. Сарпарастии курси мазкурро Раҳмонзода Муҳаммад – ассистенти кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба уҳда доранд. Зимни баргузории дарси тарбиявӣ сарпарасти курс дар мавзӯи «Маҳалгароӣ ва миллатчигӣ ҳамчун падидаҳои манфии ҷомеа» баромад намуданд.

Дар мавзӯи «Ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди

устувор», солҳои 2018-2028» санаи 18.05.2019с. дар курси 2.01, гурӯҳҳои “К,Л,М” дарси кушоди тарбиявӣ баргузор гардид. Зимни баргузории дарси тарбиявӣ сарпарасти курси мазкур Саидов Ҳ.М. – н.и.ҳ., ассистенти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии ДМТ баромад намуда, оид ба муҳиммияти Даҳсолаи навбатӣ ибрози андеша карданд. Қайд гардид, ки воқеан Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мақом ва мартабаи баландро соҳиб шудааст, ки дар ин ҷода нақши Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хело зиёд аст. Аз ин рӯ, ҷавонони мо ҳамеша бояд барои ҳифзи марзу буми Тоҷикистони азиз ва муаррифӣ намудани миллати худ дар арсаи байналмилалӣ фаъолноки нишон диҳанд, иброз дошт Саидов Ҳ.М. Зимни баргузории дарси тарбиявӣ чанд нафар устодони факултет низ иштирок намуданд.

Ҳамчунин дар мавзӯъҳои “Конститутсия-бахтномаи миллат”, “Роғун – кохи нур”, “Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон”, “Рӯзи Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон” дарсҳои тарбиявӣ аз ҷониби сарпарастон Саъдизода Ҷ. санаи 14.09.2019с., Соҳибов М.М. санаи 12.10.2019с., Қудбудинов Ф.Ш. санаи 14.11.2019с., Ҷураев А. санаи 28.11.2019с. ташкил карда шуданд.

8. Бояд қайд намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ чандин нафар донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ барои иштирок дар чорабиниҳои варзишӣ дар сатҳи факултет, донишгоҳ, ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ ҷалб карда шудаанд. Масалан, донишҷӯи курси 4.02 Бобозода Умед дар мусобиқаи ҷаҳон оид ба УНИФАЙТ байни калонсолон дар Федератсияи Руссия, шаҳри Анапа иштирок намуда, сазовори ду медали нуқра гардид. Ҳамчунин дар мусобиқаи мазкур донишҷӯи курси 4-ум Мадамаев Нуроншо иштирок намуда, сазовори ҷойи аввал аз намуди Гуштин гардид. Ҳамчунин Бобозода Умед моҳи январи соли 2019 дар мусобиқаи кушоди Осиё оид ба УНИФАЙТ, ки дар ш. Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон шуда гузашт сазовори ҷойи 1-ум гардиданд.

Ғайр аз ин, дар асоси саъю кӯшишҳои пайвастаи декани факултети ҳуқуқшиносӣ, муҳтарам Раҳмон Д.С. бо мақсади дуруст татбиқ намудани сиёсати тарзи ҳаёти солим миёни устодони факултети ҳуқуқшиносӣ низ чорабиниҳои варзишӣ пайваста ба роҳ монда шудааст. Бо ин мақсад дар толори варзишии мактаби «Байналмилалии Президентӣ» байни муаллимони факултет бозии футболи хурд ташкил карда шуд, ки он дар як ҳафта се маротиба, рӯзҳои душанбе, чоршанбе ва ҷумъа баргузор мегардад. Дар ин бозӣ зиёда аз 50 нафар устодони факултет иштирок менамоянд.

9. Бо мақсади ҷалби бевоситаи сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ба раванди таълим ва тарбия дар соли тақвимии 2019 **<u>10</u>** ҷаласаи сарпарастон гузаронида шуд, ки дар он ҳар як сарпараст аз фаъолияти моҳонаи кории худ ҳисоботи хаттӣ пешниҳод намуданд. Бахши корҳои тарбиявии факултет бо Шӯрои сарпарастони донишгоҳ дар ҳамбастагӣ фаъолият намуда, дастур ва супоришҳои муҳимми Раёсат ва садорати факултетро тавассути сарпарастони гурӯҳҳои академӣ амалӣ месозад. Дар доираи ҷаласаҳои сарпарастон ҳайати умумии сарпарастон дастур

мегиранд, ки дар доираи нақшаи намунавии дарсҳои тарбиявӣ, ҳамчунин оид ба масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии кишвар дарсҳои тарбиявӣ баргузор намоянд. Инчунин сарпарастони гурӯҳҳои академӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии кишвар, аз ҷумла "Истиқлолияти давлатӣ-неъмати бебаҳост", «Солҳои 2019-2021 – Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «Таҳлил ва омӯзиши паҳлуҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Таҳлили қонунҳои миллӣ» ва нақши онҳо дар пешрафти ҳаёти сокинони мамлакат, "16-ноябр Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Моҳияти тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ", Ҷашни Наврӯз - ифодакунандаи фарҳангу тамаддуни мардуми тоҷик дар арсаи байналмилалӣ, 9-май «Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ», «Ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат дар арсаи байналмилалӣ», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028», Таъсири манфии экстремизм, терроризм, муомилоти ғайриқонунии моводи мухаддир, коррупися, «Оқибатҳои нохуши ВНМО-БПНМО ва усулҳои пешгирии он дар байни ҷавонон (донишҷӯён)», «Ҷавонон нерӯи созанда ва пешбарандаи сиёсати Пешвои миллат», "Роғун-кохи нур" ва ғ. дарсҳои тарбиявӣ баргузор намуданд.

Ҳамчунин, тавассути сарпарастони гурӯҳҳои академӣ вазъи иҷтимоии маъюбон ва ятимону бепарасторон пайваста зери назорат қарор гирифта, ба онҳо кумакпулӣ низ расонида мешавад.

10. Садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо мақсади иҷрои Нақша - чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати иҷрои нишондодҳои Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи нишондодҳои Қонуни ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва Оинномаи донишгоҳ, бо баробари шурӯъ гардидани соли таҳсил ташкил намудани силсила ҷаласаҳои волидайнро ба роҳ монд. Ҳамин тавр, дар соли тақвимии 2019 9 ҷаласаи волидайни донишҷӯёни курсҳои 1-ум, 2-юм, 3-юм, 4-ум ва 5-ум баргузор гардид. Дар рафти ин ҷаласаҳо роҳбарияти факултет масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ, донишгоҳ ва факултетро муаррифӣ намуда, падару модаронро ҳушдор сохтанд, ки дар таълим ва тарбияи фарзанди худ бетарафӣ зоҳир накунанд.

Ҳамчунин аз волидайн пайваста даъват баамал оварда мешуд, ки онҳо барои риояи Қонунҳои ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар ҶТ», «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаҳои олии таълимӣ» фарзандони худро сафарбар намоянд.

Бояд зикр намуд, ки ҳамкорӣ бо волидайни донишҷӯён яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Ассотсиатсияи волидайни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ дар ҳамкорӣ бо Шӯрои сарпарастон ва бахши тарбия ҷиҳати ҷалби волидайни донишҷуён ба факултет ва ҳамоҳанг сохтани маҷмӯи чорабиниҳо баҳри таълиму тарбияи донишҷӯён як қатор корҳоро ба анҷом расонид.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ бо мақсади иҷрои вазифаҳои худ дар доираи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбия фарзанд» ва дигар қонунгузориҳои соҳаи маориф бо баробари шурӯъ гардидани нимсолаи дуюми соли таҳсил нақшаи гузаронидани ҷаласаҳои волидайни донишҷӯёни гурӯҳҳои академиро тарҳрезӣ намуда, ташкил намудани силсилаҷаласаҳои волидайнро баргузор кард.

Ҳамин тавр, бо ташаббуси бевоситаи декани факултети ҳуқуқшиносӣ, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳмон Дилшод Сафарбек дар соли тақвимии 2019 (30.03.2019с., 06.04.2019с., 13.04.2019с., 20.04.2019с., 27.04.2019с., 04.05.2019с., 07.12.2019с.) ҷаласаи волидайни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор гардид, ки дар кори он муовинони декан оид ба корҳои таълим ва тарбия Мирзозода П.З., Кабутов Э.Д., Шарифов И.М., Саидов Ҳ.М., Саломов И.И., Шарифзода С.Ш., мудирони кафедраҳо Маҳмудов И.Т., Сангинов Д.Ш., инчунин сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ширкат варзиданд. Дар рафти ин ҷаласаҳо роҳбарияти факултет масъалаҳои мубрами ҳаёти сиёсӣ ва ҷамъиятии ҷумҳурӣ, донишгоҳ ва факултетро муаррифӣ намуда, падару модаронро ҳушдор месохтанд, ки дар таълим ва тарбияи фарзанди худ бетарафӣ зоҳир накунанд, фарзандони худро аз шомил гардидан ба ҳар гуна равия ва созмонҳои ифротӣ ва ҷиноятпеша пешгирӣ намоянд, талош кунанд, ки фарзандонашон рӯ ба илм ва фарҳанг оваранд. Зимни баргузории ҷаласаҳои волидайни донишҷӯён роҳбарияти факултети ҳуқуқшиносӣ аз падару модари донишҷӯён даъват ба амал меоварданд, ки онҳо бояд баҳри риояи қонунгузории соҳаи маориф ва дастуру ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби фарзандонашон тадбирҳои ҳамешагӣ андешанд. Таъкид гардид, ки падару модар бояд назоратро дар қисмати бо идора намудани воситаи нақлиёти механикӣ ба муассисаи таълимӣ омадан аз ҷониби фарзандон қатъӣ ба роҳ монанд. Нагузоранд, ки фарзандон бо идораи воситаи нақлиёти механикии шахсӣ ба муассисаи таълимӣ оянд.

Ҳамчунин, ба таваҷҷуҳи волидайни донишҷӯён расонида шуд, ки аз пайи истифодаи мақсадноки шабакаҳои иҷтимоӣ аз ҷониби фарзандонашон ҳамешагӣ назорат кунанд. Зеро истифодаи ғайримақсадноки шабакаҳои иҷтимоӣ донишҷӯёнро ба ҳар роҳи ғайриқонунӣ бурда, оқибат метавонад ба ӯ ва оилааш таъсири манфӣ расонад.

Роҳбарияти факултети ҳуқуқшиносӣ волидайни донишҷӯёнро даъват бар он намуданд, ки фарзандони худро дар руҳияи меҳанпарастӣ, хештаншиносӣ, адолат, бовиҷдонӣ, шарафмандӣ, росткориву накукорӣ, поквиҷдонӣ, эҳтироми омӯзгорон, калонсолон ва ҳамсабақон тарбия

намуда, ҳамкории муштараки худро бо садорати факултет таъмин намоянд.

Ассотсиатсияи волидайни факултети ҳуқуқшиносӣ тамоми чораҳоро меандешад, ки барои дар амал татбиқ гардидани ҳадафҳои созандаи худ мусоидат намуда, баҳри тарбияи мутахассисони болаёқати ҳуқуқшинос саҳми худро гузорад.

11. Бо мақсади иҷрои Нақша-чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд дар гурӯҳҳои академӣ баргузор намудани чорабиниҳо оид ба масъалаҳои худшиносиву худогоҳӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, таъриху фарҳанги аҷдодӣ, ба худравҳои шахсӣ ба дарс наомадан мунтазам дарсҳои тарбиявӣ баргузор карда шуданд.

12. Дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ якчанд ниҳодҳои марбут ба бахши тарбия – Созмони ҷавонон, Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён амал мекунанд, ки онҳо дар қисматҳои муайянгардида фаъолияти худро ба роҳ мондаанд. Созмони ҷавонон яке аз ниҳодҳои фаъоли бахши тарбия ба ҳисоб меравад. Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолияти худро аслан дар ҷодаи таъмини муътадили раванди касбомӯзии донишҷӯён ба роҳ мемонад. Дар соли 2019 ба ҳайати Созмони ҷавонон 56-нафар донишҷӯ ҳамчун аъзо дохил гардидаанд. Дар соли 2019 Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолияти худро ҷоннок намуда, санаи 1-уми марти соли 2019 дар бинои **S-и** факултет ҷаласаи худро баргузор намуд. Дар раванди ҷаласаи Созмони ҷавонон масъалаҳои мубрами фаъолияти он бо иштироки декани факултети ҳуқуқшиносӣ муҳтарам Раҳмон Д.С., муовинони декан ва кулли сардорони гурӯҳҳои академӣ баррасӣ гардида, ташаббусҳои аъзои созмон шунида шуд.

Дар ҷаласаи Созмони ҷавонон ба зиммаи сардорони гурӯҳҳои академӣ чунин масъалаҳо вогузор гардид:

1. Созмони ҷавонон бояд фаъолияти худро баҳри тарбияи ҷавонон дар руҳияи созандагиву ободкорӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, садоқат ба Ватан ба роҳ монад;
2. Созмони ҷавонон бо мақсади сари вақт расонидани дастуру супоришҳо ба донишҷӯён дар шабакаи иҷтимоии Интернет гурӯҳи алоҳидаи худро кушояд;
3. Зарур аст, ки саҳми фаъоли сардорони гурӯҳҳои академӣ барои иштироки пурраи донишҷӯён дар чорабиниҳо эҳсос гардад.

16. Дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷиҳати пешбурди кори бахши тарбия ниҳодҳои дигар, ба монандӣ: - Шӯрои сарпарастон (56 аъзо), Кумитаи иттифоқи касабаи донишҷӯён (23 нафар аъзо), Шӯрои занон ва духтарон ҳамарӯза фаъолияти худро пеш барда истодаанд.

## 3.2. ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ БОНУВОН

Шӯрои занони факултети ҳуқуқшиносӣ аз соли 1950 инҷониб кор ва фаъолият мекунад. Шӯрои занон дар асоси Низомномаи бахши кор бо

занон ва духтарони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 06.02.2009с. амал мекунад. Шӯрои занон ҳар сол нақшаи корӣ тартиб дода ва аз рӯи он нақша кор мебарад. Мувофиқи нақшаи корӣ ҳар як чорабинӣ моҳе як маротиба ё ду маротиба гузаронида мешавад. Чорабиниҳо дар дохили шаҳр, донишгоҳ ва факултет пешбинию гузаронида мешаванд.

Дар соли 2019 зиёда аз 713 нафарро донишҷӯдухтарон ва 38 нафари дигарро коргарон ташкил медиҳанд, ки аз он 10 нафарашон номзадҳои илми ҳуқуқ ва педагогӣ ба шумор мераванд. Донишҷӯдухтарон дар шуъбаи умумӣ 227 нафар, дар шуъбаҳои дигари рӯзонаи факултет 215, дар шуъбаи ғоибона 160 нафар ва дар шуъбаи маълумоти дуюми олӣ 102 нафарро ташкил медиҳанд. Шӯрои занони факултети ҳуқуқшиносӣ бо духтарони фаъоли факултет дар тамоми чорабиниҳое, ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ба нақша гирифта мешаванд, фаъолона иштирок мекунанд. Ҳатто чорабиниҳое, ки дар саҳти ҷумҳуриявӣ, аз қабили пешвозгирии Ҷаноби Олӣ ва дигар намояндагони давлатӣ баргузор мегарданд, духтарони факултет сарбаландона иҷро мекунанд.

Аз моҳи июл то 09-уми сентябри соли 2019 дар Муассисаи давлатии «Наврӯзгоҳ» бахшида ба ҷашни 28-солагии Истиклолияти давлатии ҶТ маршировка (роҳпаймоии оммавӣ) баргузор гардид, ки дар он 80 нафар донишҷӯдухтарони факултет иштирок доштанд ва баромади онҳо аз тарафи раёсат, садорат ва раиси шаҳр қадр карда шуд.

Мувофиқи фармоиши Ректори ДМТ аз 11-уми марти соли 2019, таҳти № 33-09, дар донишгоҳ 20-уми март таҷлили иди байналмилалии Наврӯз-2019 муқаррар гардид ва дар он факултети ҳуқуқшиносӣ сахмгузор буд.

Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ пайваста саҳми фаъоли худро дар баргузории чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ-фарҳангӣ мегузорад.

## 3.3. ФАЪОЛИЯТИ ШӮРОИ САРПАРАСТОН

Дар замони муосир тарбия яке аз унсури калидии раванди таҳсилот маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо мақсади дуруст ба роҳ мондани раванди таълим ва тарбия дар сохтори донишгоҳҳои кишвар ниҳодҳои гуногун таъсис дода мешаванд, ки яке аз онҳо Шӯрои сарпарастон маҳсуб меёбад. Дар сохтори факултети ҳуқуқшиносии ДМТ Шӯрои сарпарастон фаъолият менамояд ва бо мақсади дуруст ба роҳ мондани корҳои тарбиявӣ аз ҷониби сарпарастони гурӯҳҳои академӣ, пайваста назорат мебарад.

Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар доираи «Нақшаи чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ дар соли 2019 ҷиҳати иҷрои «Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносии ДМТ барои солҳои 2015-2020», (ҚШО аз 27.09.2019с, №1 тасдиқ шудааст), «Нақшаи чорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар соли 2019 ҷиҳати иҷрои нишондодҳое, ки аз Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти ҶТ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бармеоянд» ва

нақшаҳои тасдиқшудаи корҳои тарбиявии Раёсати ДМТ, дар соли 2019 корҳоро назаррасро анҷом додааст.

Дар давраи ҳисоботӣ ба Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ 56-аъзо ворид гардидаанд. Аъзои Шӯрои сарпарастон асосан сарпарастии ин ё он гурӯҳи академиро ба уҳда доранд. Пайваста аз ҷониби сарпарастони гурӯҳҳои академӣ оид ба мавзӯъҳои мубрам дар байни донишҷӯён дарсҳои тарбиявӣ баргузор карда мешаванд. Вобаста ба ҷашнҳои муҳимми давлатӣ дарсҳои кушоди тарбиявӣ аз ҷониби сарпарастон гузаронида мешаванд. Дар давраи ҳисоботӣ аз ҷониби сарпарастон дарсҳои тарбиявӣ дар мавзӯъҳои «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - санади олии ҳуқуқӣ», «Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Иҷлосияи тақдирсози 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Парчами давлатӣ - рамзи давлатдорист», «Моҳияти тағйиру иловаҳо ба Қонуни ҶТ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва қонунгузории соҳаи маориф», Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», Таъсири манфии экстремизм, терроризм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, коррупися, «Солҳои 2019-2021 – Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «Оқибатҳои нохуши ВНМО-БПНМО ва усулҳои пешгирии он дар байни ҷавонон (донишҷӯён)», “Роғун – кохи нур” ва дигар мавзӯъҳои тибқи ҷадвали тасдиқгардида, баргузор гардиданд.

Айни замон фаъолияти Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ муташаккилона ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботӣ Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ **9**-ҷаласа баргузор намуда, масъалаҳои муҳимми қисми тарбияро мавриди баррасӣ қарор додааст.

Натиҷаи кори тарбиявии сарпарастони гурӯҳҳои академӣ дар ҷаласаҳои Шӯрои сарпарастон мавриди муҳокима қарор мегирад ва барои бартараф кардани камбудиҳо дар ин самт тадбирҳо андешида мешаванд. Натиҷаи хуби фаъолияти сарпарастон қадрдонӣ мегардад.

Дар ҷаласаҳои Шӯрои сарпарастон ба сарпарастони гурӯҳҳои академӣ махсус таъкид мегардид, ки:

1. Сарпарастон пайваста ҳолатҳои дер мондан, наомадан, бо либосҳои ғайрирасмӣ ҳозир шудани донишҷӯёнро ба қайд гиранд ва баҳри бартараф намудани ҳолатҳои мазкур чораҳо андешанд;
2. Бо падару модар ва ё дигар намояндаи қонунии донишҷӯён пайваста дар тамос бошанд ва онҳоро аз кирдорҳои фарзандонашон огоҳ созанд;
3. Аз аҳволи донишҷӯёне, ки дар хобгоҳҳо зиндагӣ мекунанд, ҳар ҳафта хабардор шаванд;
4. Тибқи нақшаи тасдиқгардида ҳар ҳафта як маротиба дар замон ва макони муқарраргардида дарсҳои тарбиявиро баргузор намоянд.

Тавассути сарпарастони гурӯҳҳои академӣ вазъи иҷтимоии ятимону бепарасторон пайваста зери назорат қарор гирифта, кумакпулӣ низ расонида мешавад.

Фаъолияти сарпарастони гурӯҳҳои академӣ тибқи нақшаи тасдиқкардаи Раёсати тарбияи донишгоҳ ба роҳ монда шудааст. Дар давраи ҳисоботи хушбахтона тамоми сарпарастони гурӯҳҳои академӣ фаъолияти худро самаранок ба роҳ монда, дастуру супоришҳои бахши тарбияро саривақт иҷро намуданд. Натиҷаи фаъолияти хуби сарпарастони гурӯҳҳои академӣ буд, ки дар ҷаласаҳои волидайни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ анқариб тамоми волидайни донишҷӯён ширкат намуданд. Аз ҳар гурӯҳи академӣ бо сабабҳои узрнок ду ва ё се волидайни донишҷӯён ширкат надоштанд. Мушоҳидаи мо нишон дод, ки ҳамаи сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ба фаъолияти худ бо дилу нияти гарм машғул мебошанд.

Ҳамкорӣ бо волидайни донишҷӯён яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар давраи ҳисоботӣ сарпарастони гурӯҳҳои академӣ бо волидайни донишҷӯён ҳамкории хуби худро ба роҳ монданд. Натиҷаи чунин ҳамкорӣ буд, ки дар ҷаласаи волидайни донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ (аз моҳи марти соли 2019 ҳар рӯзи шанбе (30.03.2019с., 06.04.2019с., 13.04.2019с., 20.04.2019с., 27.04.2019с., 04.05.2019с., 07.12.2019с.) баргузор гардиданд) ҳайати зиёди падару модари донишҷӯён ширкат варзиданд.

Дар бештари чорабиниҳои муҳимми давлативу ҷамъиятӣ сарпарастони гурӯҳҳои академӣ бо ҳамроҳии донишҷӯёни гурӯҳҳои худ иштирок намуданд. Ҳамчунин сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ҳамроҳи донишҷӯён фаъолона ҳангоми ташкили шанбегиҳо иштирок намуда, мавзеи ба факултет вобастагардидаро ба пуррагӣ тоза менамоянд.

Садорати факултет минатдории худро ба он сарпарастони гурӯҳҳои академӣ, ки дар лаҳзаҳои баргузории машқҳои омодагӣ барои баргузории иди Наврӯзи байналмилалӣ дар ҷобаҷогузории донишҷӯдухтарон кӯмак расониданд, мерасонад. Воқеан дар ин қисмат мо аз сарпарастони гурӯҳҳои академӣ миннатдорем.

Дар давраи ҳисоботӣ чандин нафар сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ҳамроҳ бо донишҷӯён дар чорабиниҳои фарҳангӣ, чорабиниҳои театрикунонидашуда фаъолона ширкат варзиданд. Масалан, санаи 27-уми апрели соли 2019 мудири кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ Саъдизода Ҷаҳонгир ҳамроҳ бо донишҷӯёни курси 1.01, гурӯҳҳои “А,Б,В” дар барномаи театрикунонидашудаи “Кинои РИО” дар кинотеатри ВАТАН ширкат варзиданд. Хамчунин санаи мазкур муовини декан оид ба тарбия Шарифзода Саъдӣ ва раиси Шӯрои сарпарастон Буриев Акмал ҳамроҳ бо донишҷӯёни курси 1.01, гурӯҳҳои “Г,Д,Е” дар барномаи фарҳангӣ бахшида ба “Рӯзи ҷавонон” дар Боғи ҷавонон ширкат варзиданд. Умуман бояд гуфт, ки дар самти иштирок дар чорабиниҳои муҳимми сиёсӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ саҳми сарпарастон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ фаъол ба мушоҳида мерасад.

Шӯрои сарпарастони факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамкории доимии худро бо бахши тарбия ва Шӯрои сарпарастони донишгоҳ ба роҳ мондааст ва дастуру супоришҳои бахши тарбияи донишгоҳро сари вақт ба анҷом мерасонад.

### 3.3. ФАЪОЛИЯТИ СОЗМОНИ ҶАВОНОН

Созмони ҷавонон яке аз ниҳодҳои фаъоли бахши тарбия ба ҳисоб меравад. Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолияти худро аслан дар ҷодаи таъмини муътадили раванди касбомӯзии донишҷӯён ба роҳ мемонад. Дар соли 2019 ба ҳайати Созмони ҷавонон 56-нафар донишҷӯ ҳамчун аъзо дохил гардидаанд. Дар соли 2019 Созмони ҷавонони факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолияти худро ҷоннок намуда, чандин маротиба дар бинои **S-и** факултет ҷаласаҳои худро баргузор намуд. Дар раванди ҷаласаҳои Созмони ҷавонон масъалаҳои мубрами фаъолияти он бо иштироки декани факултети ҳуқуқшиносӣ муҳтарам Раҳмон Д.С., муовинони декан ва кулли сардорони гурӯҳҳои академӣ баррасӣ гардида, ташаббусҳои аъзои созмон шунида шуд.

Дар ҷаласаи Созмони ҷавонон ба зиммаи сардорони гурӯҳҳои академӣ чунин масъалаҳо вогузор гардид:

1. Созмони ҷавонон бояд фаъолияти худро баҳри тарбияи ҷавонон дар руҳияи созандагиву ободкорӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ, садоқат ба Ватан ба роҳ монад;

2. Созмони ҷавонон бо мақсади сари вакт расонидани дастуру супоришҳо ба донишҷӯён дар шабакаи иҷтимоии Интернет гурӯҳи алоҳидаи худро кушояд;

1. Зарур аст, ки саҳми фаъоли сардорони гурӯҳҳои академӣ барои иштироки пурраи донишҷӯён дар чорабиниҳо эҳсос гардад.

# IV.ФАЪОЛИЯТИ КУМИТАИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

## 4.1. ИТТИФОҚИ КАСАБАИ УСТОДОН ВА КОРМАНДОН

Бюрои иттифоқи касабаи устодон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Точикистон, Қонуни Ҷумҳурии Точикистон «Дар бораи иттифоқҳои касаба», Оинномаи иттифоқи касабаи маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, фаъолият карда истодааст.

Бюрои иттифоқи касабаи факултет аз 5 нафар аъзо иборат буда, аз омӯзгорони кафедраҳои мухталифи факултет созмон дода шудааст.

Ҳайати аъзоёни иттифоқи касабаи факултет айни ҳол аз инҳо иборат аст:

-Раис- н.и.ҳ., дотсент Мавлоназаров О.А.

-Котиб – ассистент Раҷабзода Х.Р.

Дар назди Кумита 4-то комиссияҳои доимоамалкунанда амал мекунанд:

- комиссияи ҳифзи меҳнат (дотсент Азизқулова Г.С.);
- комиссияи варзиш (ассистент Саидов С.);
- комиссияи нафақа, манзил ва баҳсҳои меҳнатӣ (н.и.ҳ. Мавлоназаров О.А.);
- комиссияи корҳои ташкилӣ ва маданӣ-равшаннамоӣ (ассистент Шабонов Ш.).

Нақшаҳои кории ҳар як комиссия ҳамасола дар оғози моҳи январи соли тақвимӣ дар ҷаласаҳои бюро баррасӣ, муҳокима ва тасдиқ карда мешаванд. Ҳамин тавр, нақшаи фаъолияти бюро дар ҳар соли тақвимӣ, дар асоси нақшаҳои фаъолияти Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳия карда шуда, дар бюрои факултет баррасӣ ва қабул карда мешавад. Минбаъд барои баррасӣ ва тасдиқ ба Кумитаи иттифоқи касабаи Донишгоҳ ирсол карда мешавад.

Дар давраи ҳисоботӣ ба унвонии бюро аз ҷониби аъзоёни иттифоқи касаба беш аз 34 аризаю пешниҳодҳо, дархостҳо ворид гардидаанд. Бояд иброз намоем, ки аксарияти онҳо ҷиҳати расонидани кӯмакҳои молиявӣ, ҷудо кардани рохҳат ба осоишгоҳҳою фароғатгоҳҳои ҷумҳурӣ буданд. Кумита кӯшиш ба харҷ дода истодааст, ки бештари аризаҳои онҳоро мусбӣ ва ба манфиати устодон ва кормандон ҳал намояд.

Ҳамчун аъзои Шӯрои олимон дар ҷаласаҳо фаъолона иштирок намуда, нисбат ба аксар масъалаҳои рӯзномаҳои ҷаласаҳо фикру андешаҳо ва пешниҳодҳои худро иброз менамоем.

Бюро мувофиқи нақшаи фаъолияташ дар муддати соли сипаришуда якчанд ҷаласаҳо гузаронида, масъалаҳои гуногунро баррасӣ, муҳокима намуда, нисбат ба ҳар яки он дар алоҳидагӣ қарорҳои дахлдор қабул намудааст.

Дар соли сипаришуда барои барқарор намудани саломатии

устодону кормандони факултет аз тарафи Кумита роҳхаҳо ба осоишгоҳҳои ҷумҳурӣ харидорӣ карда шуда, дар асоси аризаҳои аъзоён ва нусха аз қарорҳои Кумита тақсим карда шудаанд.

Дар самти хифзи иҷтимоию иқтисодии аъзоёнаш Кумита дар давраи хисоботӣ корҳои назаррасро анҷом додааст. Дар асоси аризаҳои аъзоёни иттифоқи касабаи факултет ба 6 нафар кӯмакпулии яквақтаи моддӣ расонида шуд.

Ҳамкории бюрои иттифоқи касаба бо садорати факултет ва Кумитаи иттифоқи касабаи ДМТ дар робитаи доимӣ, дар сатҳи муайян сурат мегирад.

## 4.2. ИТТИФОҚИ КАСАБАИ ДОНИШҶӮЁН

Иттифоқи касабаи донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун ниҳоди зертобеи қисми тарбия фаъолият менамояд. Фаъолияти ниҳоди мазкур дар қисмати муайян кардан ва барои расонидани кумакпулиҳо ба ятимону маъюбон равона гардидааст. Ҳама донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ аъзоёни иттифоқи касабаи донишҷӯён мебошанд.

Дар давраи ҳисоботӣ баҳри ҷоннок намудани иттифоқи касабаи донишҷӯён 335 нафар донишҷӯёни курси якуми факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба сифати аъзои иттифоқи касаба қабул гардидаанд. Ҳамчунин рӯйхати донишҷӯёни ятим ва маъюб ба иттифоқи касабаи донишҷӯёни ДМТ бо мақсади пардохти кумакпулӣ ирсол гардидааст. Бояд қайд намуд, ки ҳамкории иттифоқи касабаи донишҷӯён бо садорати факултет ва Кумитаи иттифоқи касабаи ДМТ хуб ба роҳ монда шудааст.

## V.ФАЪОЛИЯТИ КОМИССИЯИ ТАНЗИМИ АНЪАНА ВА ҶАШНУ МАРОСИМ

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ комиссияи бахши танзими анъана ва ҷашну маросимҳо таъсис дода шудааст ва фаъолияти он муташаккилона ҷараён дорад.

Баъди ворид гардидани тағйиру иловаҳои нав ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар факултети ҳуқуқшиносӣ дар робита ба риояи ин қонуни миллӣ як қатор корҳо ба сомон расонида шуд.

Бо мақсади иҷрои моддаи 5 –и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар асоси таъиноти декани факултети ҳуқуқшиносӣ аз санаи 30.08.2017с. дар факултет комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросим таъсис дода шуд. Дар асоси таъиноти декан Раиси комиссияи ҷамъиятии танзими анъана ва ҷашну маросимро декани факултет дотсент Раҳмон Д.С. ва котибии комиссияи мазкурро ассистент Саъдиев И.З. ба уҳда доранд.

Дар асоси дастури раиси комиссияи ҷамъиятӣ дотсент Раҳмон Д.С. ҷиҳати риоя ва дуруст дарк кардани меъёрҳои конуни номбурда кулли сарпарастон уҳдадор шуданд, ки дар дарсҳои тарбиявӣ ин масъаларо пайгири намуда, ҳатман як дарсро пурра ба ин масъала бахшанд.

Ҳамчунин дар факултети ҳуқуқшиносӣ аз оғоз соли таҳсил бо волидайни курсхои **1** то **5** ҷаласаҳои волидайн гузаронида шуд, яке аз масъалаҳои дар рӯзномаи ҷаласа пешбинишударо масъалаи танзими анъана ва ҷашну маросим ташкил медод. Дар рафти ҷаласаҳо, ки дар он раиси комиссияи ҷамъиятӣ ва котиби комиссия бевосита ширкат меварзиданд ба волидайни донишҷӯён нуқтаҳои муҳимми қонуни мазкур шарҳу тавзеҳ дода шуда, саволҳои сершумори волидайни донишҷӯён оид ба меъёрҳои нави Қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷавобҳои мушаххас дода мешуд.

Дар баробари ин дар давоми соли 2019 устодон ва кормандони факултет маъракаҳо баргузор намуданд. Комиссияи анъана ва ҷашну маросим дар факултети ҳуқуқшиносӣ бо ҳар як соҳиби маъракаҳо бо мақсади риояи дақиқ ва ҳамаҷонибаи қонун суҳбатҳо гузаронида, протокол тартиб дода, дар баробари Раис ва китоби комиссияи ҷамъиятӣ ҳар як соҳиби маърака имзо гузоштанд.

Дар давоми соли 2019 дар факултет **8** маъракаи тӯйи арусию домодӣ ва **7** маъракаи азодорӣ бақайд гирифта шудааст, ки дар ҷараёни он ҳеч гуна қоидавайронкунӣ на аз ҷониби комиссияи ҷамъиятӣ ва на аз ҷониби мақомотҳои ваколатдор дар ин бахш ба кайд гирифта нашудааст.

# ХУЛОСА

Дар хулоса иброз намудан зарур аст, ки садорати факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, сохторҳои таркибии факултет пайваста баҳри таъмини раванди муътадили таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ фаъолият менамоянд. Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар бахши таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ ба натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст. Бар замми натиҷаҳои назаррас садорати факултети ҳуқуқшиносӣ боз ҳам кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки аз ҳар ҷониб факултет ниҳоди пешсафи ДМТ бошад.

Дар бахши таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ ҳар лаҳза дастовардҳои намоёни устодон ва донишҷӯёни факултет рӯйи кор меоянд. Ин ҳама аз он гувоҳӣ медиҳад, ки факултети ҳуқуқшиносии ДМТ маркази пешсафи тайёр намудани мутахассисони арзандаи соҳаҳои идоракунии давлатӣ ба шумор меравад.

Гуфтан зарур аст, ки дар соли сипаришуда факултети ҳуқуқшиносӣ дар бахшҳои таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ ба натиҷаҳои намоён ноил гардида, ҳамаи ниҳодҳои сохтории факултет тибқи нақша-чорабиниҳои тасдиқгардид фаъолияти худро анҷом доданд.

| | |
|---|---|
| Муовини аввал,<br>муовини декан оид ба таълим, | Мирзозода П.З. |
| Муовини декан оид ба таълим | Кабутов Э.Д. |
| Муовини декан оид ба таълим<br>дар ихтисосҳои низоми таҳсилоти кредитӣ | Шарифов И.М. |
| Муовини декан оид ба таълим дар<br>Шуъбаи ғоибонаи маълумоти дуюми олӣ | Миралиев И.Қ. |
| Муовини декан оид ба таълим<br>дар шуъбаи ғоибонаи маълумоти якум | Мавлоназаров О.А. |
| Муовини декан оид ба илм ва<br>робитаҳои байналмилалӣ | Абдуллоев П.С. |
| Муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ | Саидов Ҳ.М. |
| Муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ | Саломов И.И. |
| Муовини декан оид ба корҳои тарбиявӣ | Шарифзода С.Ш. |
| Раиси Шӯрои сарпарастон | Буриев А.Р. |